# РОҲНАМОИ ФАННИ
# СУРУД ВА МУСИҚӢ БАРОИ СИНФИ 1-УМ

## бароиомӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2016

**ББК 82.33+82.3 (0)**
**К-90**

**К-90.** А. Алиев. С. Сатторов, Ш. Абдураҳмонова. **Роҳнамои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Душанбе, «Маориф», 2016. 72 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-392-9** **© «Маориф», 2016**

## МУНДАРИҶА

Муқаддима ..... 5
СТАНДАРТИ ФАННИ СУРУД ВА МУСИҚӢ БАРОИ СИНФИ 1-ум ..... 7
I. **Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум**..... 7
1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум ..... 7
1.2. Заминаи меъёрию ҳуқуқии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум..... 10
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум ..... 10
1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум ..... 10
1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум..... 12
II. **Салоҳиятҳои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум**..... 13
2.1. Самтҳо ва салоҳиятҳо аз фанни суруд ва мусиқӣ ..... 13
2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои сурудан, шунидан, маърифат ва эҷоди мусиқӣ..... 13
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ..... 15
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо..... 15
2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон..... 16
III. **Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум**..... 17
3.1.Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан ..... 18
3.2. Принсипҳои таълими самаранок..... 18
3.3. Ташаккули тафаккури сатҳи олӣ..... 18
3.4. Алоқамандии байнифаннӣ..... 19
3.5. Стратегияҳои таълими фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум ..... 20
3.5.1. Таълими малакаҳои сурудан..... 20
3.5.2. Таълими малакаҳои шунидани мусиқӣ..... 22
3.5.3. Таълими малакаҳои маърифати мусиқӣ ..... 24
IV. **Арзёбӣ** ..... 25
5.1.Санҷиши хонандагон дар ҳар дарс. ..... 27
5.2. Санҷиши хонандагон дар нимсола ..... 27
5.3. Санҷиши солона..... 28
5.4. Намунаҳои арзёбӣ..... 28
***Барномаи таълими фанни суруд ва мусиқӣ дар синфи 1-ум*** ..... 32
Нақшаи тақвимӣ барои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум..... 32
*Нимсолаи якум (16 соат)* ..... 33
Мавзӯи 1. Занги аввал – 2 соат ..... 33
Мавзӯи 2. Мактаби мо – 2 соат ..... 36
Мавзӯи 3. Садо, шеър ва оҳанг – 2 соат..... 39

Мавзӯи 4. Созҳои зарбӣ – 2 соат ........ 40
Мавзӯи 5. Ватанам – Тоҷикистон – 2 соат ........ 43
Мавзӯи 6. Яккасаро ва ансамбл – 2 соат ........ 46
Мавзӯи 7. Оҳангсоз – эҷодкор – 1 соат ........ 48
Мавзӯи 8. Ҳамсароӣ (хор) – 2 соат ........ 49
Мавзӯи 8. Дарс-консерт – 1 соат ........ 51
*Нимсолаи дуюм (17 соат)* ........ 53
Мавзӯи 1. Алифбои мусиқӣ – 2 соат ........ 53
Мавзӯи 2. Нотаҳои аввалин – 2 соат ........ 55
Мавзӯи 3. Иди модарон – 2 соат ........ 56
Мавзӯи 4. Зарби мусиқӣ – 2 соат ........ 59
Мавзӯи 5. Суруди мо – 2 соат ........ 61
Мавзӯи 6. Рақсему навозем – 2 соат ........ 64
Мавзӯи 7. Мусиқӣ ва парандагон – 2 соат ........ 65
Мавзӯи 8. “Ре” мегӯям ман бурро! – 2 соат ........ 67
Мавзӯи 9. Дарс-консерт (Арзёбӣ ва ҷамъбаст) – 1 соат ........ 69
Адабиёт ........ 71

# МУҚАДДИМА

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф шуда, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён шудааст: "... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд".

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия кардааст.

Стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни суруд ва мусиқӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣро дар синфи якум фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ, таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чи бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим маҳаки асосии стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, татбиқсозӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб карда, онро таҳлилу таҷзия ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк кунанд. Тавре ҳама медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ мекунад, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нав натиҷаҳои таълимӣ (салоҳиятнок) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсил мешавад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимӣ низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар шудани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мешавад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси асосӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёни ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

– ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;

– муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;

– муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия;

– таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват мекунад.

# СТАНДАРТИ ФАННИ СУРУД ВА МУСИҚӢ БАРОИ СИНФИ ЯКУМ

## I. Мазмун ва мундариҷаи стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум

### 1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба таври гуногун ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда** – усули баҳодиҳиест, ки тавассути он омӯзгору хонандагон раванди таълимро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ мебароранд. Ин навъи арзёбӣ хонандагонро водор месозад, ки сатҳи инкишофи омӯзишашонро худ муайян кунанд ва барои дастрасӣ ба сатҳи дигари ахбор ва тарзи ба он расидан шароит фароҳам биоранд.

**Арзёбии ҷамъбастӣ (ниҳоӣ)** – барои муайян кардани сатҳи ташаккули дониш, маҳорату малака, салоҳиятнокӣ, ҳангоми ба анҷом расонидани омӯзиши мавзӯъ, фасл то давраи муайяни вақт таъин шудааст. Арзёбии ҷамъбастӣ аз рӯйи натиҷаҳои иҷрои намудҳои мухталиф (гуногун)-и корҳои санҷишӣ (тест (санҷиш), корҳои санҷишӣ (контролӣ), лабораторӣ, таҳқиқотӣ, иншо, эссе (ҳикоя), лоиҳа, баромадҳо ва ғайра) анҷом дода мешавад. Баҳоҳое, ки барои корҳои санҷишӣ гузошта шудаанд, барои муайян кардани баҳои ҷамъбастӣ (умумӣ) асос мебошанд.

**Баҳодиҳӣ** – ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Дидактика** – соҳаи илми педагогика, ки ба омӯхтани асосҳои назариявии таҳсилот, муайян кардани қонуният, принсипҳои таълим, мазмуни таҳсилот, шаклу усули таълим ва назорати раванди таълим машғул аст.

**Зарб** – Пайи ҳам ивазшавии қонуни садоҳои мусиқӣ, яке аз воситаҳои асосии ифоданок ва шаклташкилдиҳии мусиқӣ.

**Импровизатсия** – (*итолиёӣ*) – иҷро ё иншои мусиқӣ бе омодагӣ, бадоҳатан.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, паҳн кардани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Қаторовоз** – пайи ҳам (зина ба зина) ба тарафи боло ё поён садо додани овозҳои мусиқӣ

**Тахтаи синф** – ҳар чизи сатҳаш пахни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менависанд ё нақшу нигор мекашанд, фаҳмида мешавад;

**Мақсади таълим** – мақсади таълимии дарс дар асоси натиҷаҳои таълими дарс таҳия карда мешавад. Натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурдтар (мақсади таълим) ҷудо

мешаванд, ки ҳамчун зина барои расидан ба натиҷаҳои таълим хидмат мекунанд.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро双 дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва монанди инҳо маҳорат аст.

**Машқ** – барои ба даст овардани малака ва маҳорат пайдарпай иҷро кардани кору фаъолият аст.

**Метод** (*юн.* methodos – роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) – усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян мекунад.

**Натиҷаҳои таълим** – натиҷаҳои ниҳоие, ки аз омӯзиши ягон мавод ба даст меоянд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** – нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Нота** – аломати хаттии шартӣ барои ифодаи баландию давомнокии садоҳо ва дигар унсурҳои мусиқӣ.

**Образҳои мусиқӣ** – образҳои мусиқӣ тавассути алҳон (садоҳои хуши мусиқие, ки ба ҳам баробаранд) ифода ёфта, рӯйдодҳо ва воқеоти олами объективиро ба таври хос инъикос мекунанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян мекунанд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо аст.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Савод** – маҳорати кор кардан бо маълумот, аз ҷумла маҳорати иҷрои амалҳои зарурии риёзӣ, дарки иттилоотии маводди чопӣ, адабиёти илмӣ, инчунин маҳорату малакаи навиштан, дониш омӯхтан аз матни шифоҳию хаттӣ.

**Саводнокӣ** – яке аз нишонаҳои маҳорати шахс. Мувофиқи шарҳи ЮНЕСКО шахсе, ки хондан, навиштан ва мазмуни ягон матни одиро баён карда метавонад, саводнок аст.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Сарпарда** – зинаи якуми гамма (қаторовози ҳаштзинавӣ). Ҳар як зинаи он номҳои махсус дорад. Зинаи якум – сарпарда аз ҳамаи садоҳои дигари гамма устувортарин аст.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудошуда ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода шудааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил шудан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Таҳлил** – яке аз усули таълим, ки тавассути он омӯзгору хонандагон маводди омӯхташавандаро ба қисмҳои асосӣ ҷудо карда, хусусиятҳои ҳар яки онро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд.

**Тамдид** (мадид) – давомнокии садо. Дарозии садоҳо аз нотаҳои пурра, нисфӣ, чорякӣ, ҳаштякӣ ва ғайра иборатанд, ки онҳо бо ченаки вақт шумурда мешаванд.

**Усул** – маҷмӯи роҳу равиш ва тарзи омӯхтан, донистан, фаҳмидан, идрок буда, барои самарабахш гардондани чараёни таълим мунтазам истифода карда мешавад.

**Ҷумлаҳои мусиқӣ** – якчанд ибора (фраза)-ҳои мусиқӣ, ки ба ҳам пайваста як фикри томро ифода мекунанд.

## 1.2. Заминаи меъёрию ҳуқуқии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум

Стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия шуда, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ ба омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

## 1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум

Доираи татбиқи Стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум хеле васеъ аст. Истифодабарандагони асосии стандартҳо омӯзгорони суруд ва мусиқӣ буда, дар ҳолатҳои зарурӣ бевосита омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки методикаи таълими ин фанро азхуд кардаанд, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, ҳангоми банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курси методикаи таълими фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, махсусан шуъба – кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи якум дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

## 1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум

Стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- раванди муттаасили таҳсил;
- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.

– ба қобилияти фардии хонанда диққат додан. Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавӣ (асосӣ)-и хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ кунад. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

*Таълим ҳамеша самаранок мешавад, агар:*

- *хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;*
- *мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;*
- *раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;*
- *барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;*
- *ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;*
- *омӯзгорон усули гуногуни таълимро ба мақсади мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;*
- *ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;*
- *раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона шавад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;*
- *ҳама оид ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;*
- *нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.*

– **Ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон.** Баъзе хонандагон тавассути фаъолияти амалӣ кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон барои таълим гирифтан машғулияти серҳаракат, ба дигарон баръакс, оромӣ мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон супориш таҳия кунанд.

– **Ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.** Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.

– **Инкишофи арзишҳо.** Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.

– **Алоқамандии таълим бо ҳаёт.** Стандартҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин карда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тули ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мешавад. Яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.

– **Омӯзиш дар тули ҳаёт.** Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз, “Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон” раванди омӯзишро дар тули ҳаёт тақозо мекунад.

– **Ташаккули малакаи баланди фикррони**. Ҳадафи ниҳоии раванди таълим ташаккули малакаи баланди фикрронӣ мебошад. Раванди таълим мувофиқи

тартиби зерин сурат мегирад:

- *таҳияи ақида дар асоси унсурҳои санҷидашуда ва боваринок, арзёбӣ ва ҷавоб додан ба ақидаҳои дигарон;*
- *санҷидани ақидаҳо ё вазъиятҳо аз нигоҳҳои гуногун, аз ҷумла таҳлили назари фарҳангҳои мухталиф;*
- *таҳқиқи омилҳо ва ақидаҳо ба мақсади дарёфти хулосаи мувофиқ;*
- *истифодаи усули мухталифи тахайюлотӣ барои ҳалли масъалаҳо, махсусан масъалаҳои ношинос ва мураккаб;*
- *таҳия ва пурсидани саволҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ.*

– **Арзёбӣ ба мақсади таълим.** Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ кунем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди онро самараноктар гардонем.

### 1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

*Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум:*

– муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи якум аз фанни суруд ва мусиқӣ;
– ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни суруд ва мусиқӣ дар синфи якум;
– муқаррар кардани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни суруд ва мусиқӣ мувофиқи талаботи фан ва мувофиқат ба инкишофи синну соли хонандагони синфи якум;
– мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим барои ташаккули салоҳиятнокӣ равона шуда, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор гардонида шавад;
– бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод шаванд. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;
– бо вуҷуди фаро гирифтани самтҳои гуногуни таълими фанни суруд ва мусиқӣ, стандарти мазкур фаъолияти эҷодии омӯзгорро маҳдуд накарда, бояд ӯро барои дуруст ва самаранок ташкил кардани раванди таълим ҳидоят кунад;
– мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод шаванд.

Фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум мувофиқи нақшаи таълим дар таркиби маҷмӯи фанҳои «Санъат» ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсил 33 соатро ташкил медиҳад:

| *Синф* | *Миқдори ҳафтаҳои соли таҳсил* | *Миқдори соатҳои ҳафтаина* | *Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил* |
|---|---|---|---|
| 1 | 33 | 1 | 33 |

*Дар ҷараёни таълими фанни суруд ва мусиқӣ малакаҳои таълимии зерин ташаккул меёбанд:*

– таҳлил ва таркиби асарҳои мусиқӣ бо мақсади дарк кардани ғоя, мавзӯъ ва маънои асосӣ;
– ҷустуҷӯи ахбори мушаххас ва хулосабарорӣ;
– мусоҳиба ва муҳокимаи мавзӯъҳои мухталиф ба мақсади дарёфти хулосаи зарурӣ;

– шунидани асарҳои мусиқӣ, баҳодиҳии шахсӣ ва ба дигарон баҳо додан;
– изҳори қаноатмандӣ аз натиҷаҳои бадастоварда ва мақсадҳои нави таълимӣ гузоштан;
– муаррифии натиҷаҳои таълимии бадастоварда ва амсоли он.

Ташакули малакаҳои боло дар рушду нумӯи маърифати хонанда таъсири калон расонда, ӯро барои ноил шудан ба натиҷаҳои нав ҳавасманд мегардонад.

## II. Салоҳиятҳои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум.

Фасли мазкури стандарти фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум хеле муҳим аст. Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни суруд ва мусиқӣ мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. *Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:*

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати печдори татбиқи барномаи таълим мебошад. Яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мешавад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълимии фанҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули печдор истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр хонанда дараҷаи баландтари салоҳиянокиро аз худ карда ташаккул медиҳад.

### 2.1. Самтҳо ва салоҳиятҳо аз фанни суруд ва мусиқӣ

**Сурудан ё иҷро кардан**
Қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад.

**Шунидани мусиқӣ**
Ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад.

**Маърифати мусиқӣ**
Унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад.

**Эҷоди мусиқӣ**
Оҳангҳои одиро месарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

### 2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои сурудан, шунидан, маърифат ва эҷоди мусиқӣ

Дар фасли мазкур мо тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои фанни суруд ва мусиқӣ-ро пешниҳод мекунем.

**Сурудан ё иҷро кардан:**

Қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*
– тарзи рост истода суруданро донад ва иҷро кунад;
– тарзи нишаста суруданро донад ва иҷро кунад;

– қоидаҳои нафасгириро дуруст иҷро кунад;
– тарзи нафаси кӯтоҳ гирифтан ва сарфаи онро донад ва иҷро кунад;
– тарзи талаффузи ҳиҷоҳо ва ҷумлаҳои мусиқиро иҷро кунад.
– ҳарфҳою овозҳоро бурро ва пурра талаффуз кунад;
– ҳиҷоҳоро бошиддат, зуд ва мулоим иҷро кунад;
– ҳангоми сароидан дигаронро гӯш карда тавонад;
– садоҳои мусиқӣ (**до,ре,ми,фа**)-ро бо як нафас ва **сол, ля, си, до**-ро бо нафаси дуюм аз поён ба боло ва аз боло ба поён сароида тавонад.

**Шунидани мусиқӣ:**

Ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

– ҳангоми шунидани овози созҳои мусиқӣ фарқият ва монандии овозҳои онро номбар кунад;
– монандии садои созҳои мусиқиро бо овози муҳити атроф (шаршара, овози ҳайвонот, парандагон) муайян кунад;
– ақидаи худро нисбати порчаи асарҳои шунида баён карда тавонад (дар мисоли овози созҳои мусиқӣ, ба чӣ шабоҳат доштани он ва ғ.);
– образҳои мусиқиро бо суханони одӣ (дар мисоли хурсандона, ғамангез) баён кунад.

**Маърифати мусиқӣ:**

Унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

–доир ба ибтидо, бозгӯ, авҷу хотимаи суруд маълумот дошта бошад;
– ҳангоми тағаннӣ бозгӯ ва хотимаи сурудро форам ва дуруст иҷро карда тавонад;
– авҷи суруд (ё банди алоҳидаи он)-ро форам ва дуруст иҷро карда тавонад;
– қоидаи такрорро, ки бештар дар бозгӯй истифода мешавад, дар ёд нигоҳ дорад;
– диққат, нафаси мусиқӣ, ибтидо, авҷ ва хотимаи иҷрои асарро донад;
– бо ишораҳои дирижёр шинос шуда, сурудро таҳти роҳбарии ӯ иҷро кунад;
– дар бораи оҳангсозон маълумоти умумӣ дошта бошад;
– дар бораи шоир маълумоти умумӣ дошта бошад;
– хусусиятҳои фарққкунандаи шеър ва оҳангро номбар кунад;
– муаллифони суруд (оҳангсоз ва шоир)-ро фарқ карда тавонад;
– дар бораи хусусияти овозҳо маълумоти умумӣ пайдо кунад;
– фарқи овозҳои ғафсу борикро дар созҳои мусиқӣ ва садоҳои гуногун муайян кунад;
– доир ба созҳои зарбӣ, нафасӣ ва торӣ маълумот пайдо кунад;
– овози созҳои мусиқиро бо табиат ва олами атроф муқоиса кунад;
– хусусиятҳои одии овози паст ва баландро шарҳ диҳад;
– дар муқоиса созҳои халқӣ ва эстрадиро номбар кунад.

**Эҷоди мусиқӣ:**

Оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*

– порчаҳои хурди сурудро иҷро кунад;
– унсурҳои одии ҳаракатҳоро дар рақс иҷро карда тавонад;
– зарби оҳангро бо даст, ангуштон нишон дода тавонад;
– бо пойҳо зарбро мувофиқи оҳанги суруд иҷро карда тавонад;
–дар ҳамсарой фаъолият ва машқ карда, қоидаҳои суруданро риоя кунад;

– доир ба матни пешниҳодшудаи суруд оҳанги худро замзама кунад;
– унсурҳои рақсро ба таври худ (эҷодкорона) истифода барад.

### 2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ

Дар таълиму тарбияи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф кунем. Барои нишон додани кӯшишу ғайрати хонанда бо низоми 5 (10, 20, 100) балла баҳо дода мешавад.

*Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад:*

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | М | О | Б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад |  | | |
| Интизориҳои баланд дорад | |  | |
| Барои таваккал кардан омода аст |  | | |
| Тобовар аст | |  | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | |  | |
| Таҳаммулпазир аст | |  | |
| Ҳамкорӣ мекунад | |  | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад |  | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | |  | |
| Фаъол аст | |  | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мешавад |  | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Фикрронии дараҷаи баланд дорад | |  | |
| Эҷодкорӣ | |  | |

Мунтазам
одатан
баъзан

### 2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф мекунанд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| *Хислат* | *Нишондиҳанда (ё муайянкунанда) – Хонанда* |
|---|---|
| **Худро идора кардан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кумак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супорише ҳадаф мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад бо интизории он, ки меъёрҳои баҳодиҳиро аз худ мекунад ва ба аз он ҳам болотар ноил мешавад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори ӯ ҳамчун як муваффақият арзёбӣ шавад. |
| Ба таваккал (дар | Зарурати таҷриба кардани ашёро эътироф мекунад, ҳарчанд |

| | |
|---|---|
| омӯзиш) кардан омода аст. | он қисман ба нокомӣ ё танқид мебарад. Аммо ин хавфҳои асосноке бошанд, ки ба бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод накунанд. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият ҳифз мекунад. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯ аст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истиснои ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад, ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан, дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин суиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ мекунад | Ҳамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон манфиат меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зимма мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мешавад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикррони дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикррони баландро истифода мебарад. |
| Эҷодкорӣ | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

### 2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон

Барои татбиқи стандарт ва барномаи фанни суруд ва мусиқӣ омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

- назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
- тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми раванди таълим истифода барад;
- усули таълимиеро, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд, донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;

– усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
– натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
– роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

## III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум

Низоми таълими анъанавӣ бештар ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудааст, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор мекунанд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мешавад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона шавад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб кунанд ва истифода баранд. Дар стандартҳои фанни суруд ва мусиқӣ ба дарки мусиқӣ ҳамчун инъикоси ҳаёт, муассир, зебо ва хушоҳанг иҷро кардани суруд, бадоҳатан гуфтан (навохтан), дар амал истифода кардани донишҳои андӯхта ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан зарур, диққати махсус дода мешавад.

Акнун барои омӯзгорон "хонандагон чиро меомӯзанд?" ва "чӣ тавр меомӯзанд?" аз "ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?" муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд. Масалан, дар синфи якум салоҳияти ***"Қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад",*** натиҷаи омӯхтани хонанда аст. Муҳим он аст, ки хонанда дар амал дуруст месарояд, аммо ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо қоидаҳои дуруст суруданро меомӯзад. Агар ин амалро хонанда иҷро карда тавонад, ӯ метавонад дар мавзӯъҳои гуногун суруд иҷро кунад. Масалан, дар мавзӯъҳои "Ватан", "Сулҳу дӯстӣ" ва ғайра иҷрои онро дуруст нишон диҳад. Ин маънои онро надорад, ки мавзӯъҳо муҳим нестанд. Мавзӯъҳо ҳамчун восита барои ноил шудан ба салоҳият хидмат мекунанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва миқдори онҳо вобаста ба нуқтаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ мекунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мешавад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода мешавад ва ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосииислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот

оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монад.

### 3.1.Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ мекунанд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидаеро, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошта шавадро дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ мекунад, ки дар он ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян кардани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

### 3.2. Принсипҳои таълими самаранок

*Таълим ҳамеша самаранок мешавад, агар:*

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон инкишоф ёбанд;
- хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усули гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усули гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона шавад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

### 3.3. Ташаккули тафаккури сатҳи олӣ

Дар низоми анъанавии таълим диққати асосӣ ба бозгӯйии дониш равона шуда, ба дарку таҳлили он вақти кам ҷудо мешуд.

Низоми таълими салоҳиятнокӣ диққати асосиро ба ташаккули фикронии дараҷаи баланд, равона мекунад.

Мо дараҷабандии қобилиятҳои маърифатиро дар диаграммаи зерин мушоҳида карда метавонем.




Ташаккули тафаккури сатҳи олӣ пурра ҷараёни фикркуниро фаро мегирад, аз ҷумлаи намунаҳои зерин:

- шаклгирии ақида дар асоси унсурҳои санҷидашуда ва боваринок, арзёбӣ ва ҷавоб додан ба ақидаҳои дигарон;
- санҷидани ақидаҳо ё вазъиятҳо аз нигоҳи гуногун, аз ҷумла таҳлили назари фарҳангҳои мухталиф;
- таҳқиқи омилҳо ва ақидаҳо ба мақсади дарёфти хулосаи мувофиқ;
- истифодаи усули мухталифи тахайюлотӣ барои ҳалли масъалаҳо, махсусан масъалаҳои ношинос ва мураккаб;
- таҳия ва пурсидани саволҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ;
- муайян кардани мавзӯъҳо ё ҳодисаҳо ва алоқаманд кардани донишҳои фаннӣ.[1]

Оид ба тафаккури сатҳи олӣ якчанд нуктаро бояд дар хотир гирифт:

1. Бо вуҷуди барои хонандагон муҳим будани малакаҳои тафаккури сатҳи олӣ арзёбӣ ва санҷиши ин малакаҳо хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, системаи арзёбии мо бояд пурра тағйир ёбад.
2. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки малакаи тафаккури сатҳи олӣ маънои дар хотир нигоҳ доштани маълумотро надорад. Мақсади асосӣ таҳқиқи амиқи маълумот аст.

### 3.4. Алоқамандии байнифаннӣ

Ҳудудҳое, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудаанд, қисман сунъиянд, аммо барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл шахс дар ҳолате ки агар якчанд фанро дар як замон омӯзад, таълими хубтар мегирад. Бо дарк истифодаи алоқамандии фанҳо ба даст меояд (асосан алоқамандии байнифаннӣ ном бурда мешавад), Вазорати маориф ва илм онро ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад.

Намунаи алоқамандии байнифаннӣ дар синфҳои ибтидоӣ чунин аст: омӯзгор дар синф “Доир ба се қисмати асосии дарси суруд ва мусиқӣ” фаъолиятҳои мувофиқ ташкил карда, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки онро амалан иҷро кунанд. Онҳо бонавбат нақши шунаванда, иҷрокунанда ва эҷодкорро иҷро карда метавонанд. Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки оид ба амали иҷрокардаашон маълумот диҳанд (ё иншои хурд нависанд).

*Хонандагон дар самтҳои зерин салоҳият пайдо мекунанд:*

1) Ҳангоми сурудан кор бо матни суруд (забони тоҷикӣ ё адабиёт)
2) Ҳисоб кардани зарб ё нотаи суруд (математика)
3) Муҳокимаи асари шунида (забони тоҷикӣ – гуфтан)
4) Муайян кардани мазмуни матн ё оҳанги шунида (муҳити атроф ё табиатшиносӣ)
5) Иҷрои ҳаракатҳои мавзун ҳангоми сурудан (тарбияи ҷисмонӣ)
6) Навиштани матни суруд ё асари шунида (забони тоҷикӣ – навиштан)
7) Баробар сурудан ва хомӯшона шунидани мусиқӣ (малакаи иҷтимоӣ)
8) Тасвири хаёлоти худ доир ба асари шунида (санъат ва меҳнат)

Дар асл ҳангоми таълими ҳамагуна мавзӯъ мо ҳамеша якчанд салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Омӯзгори соҳибтаҷриба инро дарк карда, кӯшиш мекунад, ки мавзӯъҳоеро фаро гирад, то салоҳиятҳои якчанд фанро дар як вақт машқ ва ташаккул диҳад. Аммо чунин навъи таълим мавзӯъ ва усули мухталифи банақшагириро тақозо мекунад.

### 3.5. Стратегияҳои таълими фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи якум

#### 3.5.1. Таълими малакаҳои сурудан

Таълим ва омӯзиши суруд ва мусиқӣ дар заминаи назарияҳои гуногуни таълим ба роҳ монда мешавад. Бо назардошти гузариш ба низоми таълими салоҳиятнокии хонанда стандарти мазкур ба салоҳиятҳои чор самти таълими фан такя мекунад, ки сурудан яке аз самтҳои асосӣ ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки салоҳиятҳои ҳар яки ин самтҳо дар раванди азхудкунии фан дар ҳар соати дарсӣ дар қиёси якдигар баробар ташаккул дода мешавад. Дар зер мо тартиби азхуднамоии сурудро, ки он дар марҳалаҳои гуногуни омӯзиши дарс истифода мешавад, дар алоҳидагӣ тавсия менамоем. Бояд хотирнишон намуд, ки мазмун, ҳаҷм ва пуртаъсирии он дар ҳар маврид тағйир меёбад ва он дар раванди дарсҳо дар якҷоягӣ бо дигар қисматҳои омӯхта мешавад.

Фарогирии марҳалаҳои кор асосан гуногун буда метавонад ва аз рӯйи қобилият ва маҳорати касбии омӯзгору сатҳи тайёрии хонандагони ӯ муайян карда мешавад. Ҷадвали зерин барои муайян кардани самти асосӣ дар интихоби методу усулҳои мушаххас ҳангоми азхуднамоии суруд кумак мерасонад ва омӯзгорон метавонанд гунаи муносибро барои худ ва шогирдонашон истифода кунанд.

| **Вазифаҳо** | **Талаботи пешниҳодшуда** | **Методҳо ва усулҳои кор** |
|---|---|---|
| **I. Оғози азхудкунӣ** | | |
| – шиносоӣ бо муаллифон ва замони эҷоди суруд;<br><br>– тайёрӣ ба дарки мазмун ва мундариҷаи суруд;<br><br>– ба вуҷуд овардани ҳолати муассирӣ, ки ба хусусияти образи мусиқӣ ҳамоҳанг аст. | – мухтасарӣ<br><br>– пурмазмунӣ<br><br>– муассирӣ | – шарҳу эзоҳ<br>– суҳбат<br>– мисол (аз ҷумла, оид ба мусиқӣ)<br>– вазифаи проблемавӣ<br>– намоиш (расм, сурат, асарҳои санъати тасвирӣ, корҳои эҷодии кӯдакон, бозичаҳо ва ғ.) |
| **II. Шунидан-шиносоӣ** | | |
| – намоиш ва шарҳ додани суруд;<br><br>– мафтун кардан, ҷалб кардани кӯдакон бо суруд;<br><br>– дар кӯдакон бедор кардани шавқ, таасурот, муассирӣ ба суруд. | – пуртаъсирӣ<br><br>– дилбохтагӣ<br><br>– иҷрои озод<br><br>– мувофиқатии сифати овози сароядагӣ, иборахо ба жанр ва услуби асар. | – иҷроиш аз тарафи омӯзгор<br><br>– иҷроиш аз тарафи хонандаи беҳтарин<br><br>– иҷроиш дар аудио ва ё видеосабтҳо<br><br>– муқоиса дар шарҳи асарҳои гуногун |
| **III. Муҳокима** | | |
| – ба таассуроти бадастомадаи хонандагон такя карда, муносибати онҳоро ба суруд муайян кардан;<br><br>– сатҳи фаҳмиши кӯдаконро оид ба хусусият, мазмун ва маънои образи мусиқӣ муайян кардан;<br><br>– таҳлили қисматҳои нисбатан | – муассирӣ<br><br>– мухтасарӣ<br><br>– фаъолнокӣ<br><br>– фаврӣ<br><br>– эҳтиром нисбати | – суҳбат<br><br>– шарҳу эзоҳ<br><br>– мисол<br><br>– таҳлили вазъият |

| | | |
|---|---|---|
| муҳим дар матни асар ва воситаҳои муассир;<br>– ҳавасманд кардан барои фаъол-гардонии тафаккури хонандагон;<br>– ташаккули қобилиятҳо, ҳамкории коллективонаи хонандагон бо омӯзгор ва баръакс. | тамоми ҷавобҳои хонандагон<br>– ташкил кардани муоширате, ки ташаббускорӣ ва мустақилиятро таъмин мекунад | – вазифаҳои проблемавӣ<br>– кори коллективӣ<br>– мубоҳиса<br>– методи саволҳои эвристикӣ. |
| **IV. Азхудкунӣ** | | |
| – сарфаҳм рафтан ба маънои образи бадеии суруд;<br>– сарфаҳм рафтан ба раванди азхудкунии суруд ҳамчун эҷоди образи мусиқӣ ва пурмазмунии он;<br>– маънидор будан ва муассирии тамоми кори технологӣ доир ба азхудномоии суруд;<br>– муоинаи ҳар як суруд ҳамчун як марҳалаи системаноки ташаккули маҳорат ва малакаҳои сурудан;<br>– азхудкунии оҳанг ва матни суруд;<br>– кор бо оҳанг, бурро талаффуз кардани ҳар як фосила ва дарки он;<br>– ташаккули қобилиятҳо барои тоза сурудан, вобаста ба жанр ва услуби асар;<br>– гуногунӣ ва иваз кардани вазифаҳо ҳангоми аз худ кардани суруд;<br>– мувофиқатии шакли корҳои фронталӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ;<br>– дар раванди кор фаъолнокӣ, фароҳам овардани шароит барои муайян кардани шахсиятҳои эҷодӣ;<br>– таҳия кардани раванди азхудкунӣ, ки дар асоси натиҷаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти сурудани кӯдакон ба роҳ монда шудааст;<br>– ташкил кардани робитаи мутақобила дар раванди фаъолияти сарояндагӣ;<br>– риоя кардани принсипи муваф-фақият дар таълим, фароҳам овар- | – муассирӣ<br>– мухтасарӣ<br>– банақшагирииии ҳар як марҳилаи кор<br>– гузориши дақиқи вазифаҳои таълимӣ ва баҳодиҳии ҳатмӣ ба сифати кори иҷро-шуда<br>– коркарди алоҳидаи ҷойи мураккаби суруд<br>– истифодаи методҳои гуногуни кор<br>– муносибати бошууронаи кӯдакон ба кор. | – методи муқоиса;<br>– методи фонетикӣ<br>– методи аёнию намоишӣ<br>– методи репродуктивӣ<br>– методи таҳлили вазъият<br>– бозӣ<br>– методи азхудкунӣ бо воситаи сомеа (слух)<br>– методи дирижёрии озод<br>– методи театрикунонӣ<br>– методи кор бо партитура<br>– методи солфеджиохонӣ<br>– сурудан дар асоси сабти нотавӣ<br>– сурудани суруд ё қисмати он бо тарзи вокализҳо<br>– тоза сурудани овози аввали суруд<br>– қарсак задании зарби оҳанг аз рӯйи сомеа (слух), аз рӯйи нота ва ё оҳанги суруди иҷрошудаистода<br>– талаффузи фаъолонаи матни суруд бо ним овоз<br>– артикулятсия (талаффузи дурусти садобарорӣ)-и фаъол ҳангоми сурудани матн. |

| | | |
|---|---|---|
| дани фазои шавқовари амали якҷоя. | | |
| **V. Сурудан** | | |
| – азхуднамоии шакл ҳангоми иҷроиши пурраи асар;<br><br>– бартарии вазифаҳои иҷрокунандагӣ;<br><br>– ба даст овардани сифати зарурии садодиҳии суруд;<br><br>– ҳавасманд кардани кӯдакон нисбати муносибати эҷодӣ ҳангоми фаъолияти сарояндагӣ;<br><br>– муҳокимаи фаъол нисбати натиҷаҳои фаъолияти сарояндагӣ. | – рӯҳбаландӣ<br>– ворид кардан ба мусиқинавозӣ<br>– муносибати эҷодии омӯзгор ва хонандагон<br>– эҳсоси офариниши мусиқии асил<br>– мубоҳисаи омӯзгор ва хонандагон бо муаллифони асар (шоир ва оҳангсоз)<br>– боварии комили ҳамсароён ва дири-жёр. | – иҷроиши пурра<br>– муқоисаи сарояндагони гуногун<br>– муқоисаи сарояндагони коллектив ё яккасаро<br>– сабти иҷроиш ва муҳокимаи минбаъдаи он<br>– иҷроиш барои экспертони ҳамсароӣ ва муҳокимаи баъд аз он<br>– иҷроиш дар толори консертӣ. |
| **VI. Иҷроиш – консерт** | | |
| – ташкили шароит барои таҷассуми хубтари образи мусиқӣ;<br><br>– ҳавасмандгардонӣ барои ташаккули қобилияти эҷодкорӣ;<br><br>– ташкили ҳолати зарури муассирӣ;<br><br>– ташкили ҳамкории хор ва дирижёр дар раванди иҷроиш. | – рӯҳбаландӣ<br>– омодагӣ<br>– таваҷҷуҳ<br>– маҳорати нишон додани муассирӣ дар раванди иҷроиш<br>– навозиши фаъоло-на, эҷодкорона<br>– эҷодкорӣ дар ҳам-кории омӯзгор бо хонанда. | – методи ташкили ҳолати муассирӣ<br><br>– методи театрикунонӣ<br><br>– усулҳои ҳамкории хор ва дирижёр. |

### 3.5.2. Таълими малакаҳои шунидани мусиқӣ

Яке аз мақсадҳои муҳимми самти шунидани мусиқӣ ташаккули дарки мусиқӣ, тарбияи маданияти мусиқишунавӣ, ки барои шунидани асарҳо дар жанрҳои гуногуни мусиқӣ аз оғози омӯзиши фан сарчашма мегирад, ба ҳисоб меравад.

Аз мақсадҳои таълими суруд ва мусиқӣ се вазифаи муҳим дар самти шунидани мусиқӣ ба вуҷуд меояд, ки омӯзгор бояд ба он диққати ҷиддӣ диҳад:

1. Дар асоси шунидани мусиқӣ *ташаккули дарки асарҳо ва ё муассирии он*. Барои хонандагон дарки асарҳо, ки ғояи баланд доранд, маҳз дар шунидани мусиқӣ ташаккул дода мешавад. Инчунин ҳис кардани образҳои мусиқӣ, баёни ҳамдардӣ ва меҳрубонӣ, ба вуҷуд овардани хоҳиши шунидан ва бедор кардани завқи хонандагон тавассути шунидани асарҳои гуногуни мусиқӣ ташаккул дода мешавад. Барои дарки мусиқӣ дар раванди он воситаҳои муқоиса бо муҳити атроф низ имконияти бештар фароҳам меорад.
2. *Ташаккули муносибати огоҳона ҳангоми интихоб ва шунидани мусиқӣ*. Барои хонандагон муҳим аст, ки аз синни хурдӣ таҷрибаи огоҳона барои интихоб ва

шунидани мусиқӣ дошта бошанд. Доир ба таҷрибаи огоҳона интихоб ва шунидани мусиқӣ малакаҳои истифодаи донишҳои мусиқӣ, на танҳо ҳис кардан, балки дарки мусиқӣ, хусусияти образҳои мусиқӣ, мантиқи ташаккули он, баёни ақидаи асосии эҷоди асар ва мазмуни он ба шумор меравад.

3. *Ташаккули муносибат/фаъолияти амалӣ ба мусиқӣ*, на танҳо дар раванди он, инчунин дар раванди иҷроиши унсурҳои хурди асарҳои мусиқӣ ва ё осори классикӣ.

Самарабахшии ташаккули дарки мусиқиро дар самти шунидани мусиқӣ то андозае аз рӯйи истифодаи роҳу воситаҳои гуногун аз ҷониби омӯзгорон муайян карда мешавад. Якчанд методҳои самти шунидани мусиқиро, ки барои ташаккули дарки санъати мусиқӣ равона шудааст, дар зер барои намуна пешниҳод менамоем.

**Методҳои шифоҳӣ** (нақл, тафсир, суҳбат, баҳс) дар самти шунидани мусиқӣ мавқеи хос дорад. Инчунин, баёни омӯзгор дар ин самти таълим нақши муҳим дорад. Агар сухани омӯзгор дар мавқеи худ истифода шуда, ҷанбаҳои баланди ҳиссиётро нишон дода тавонад, пас барои хонандагон фаъолияти амалӣ ва арзиши баланди шунидани санъати мусиқиро тарғибу ташвиқ мекунад.

Ҳангоми ташкили раванди шунидани асари мусиқӣ шартан марҳилаҳои зеринро ҷудо мекунанд:

– сухани муқадимавии омӯзгор;
– шунидани асари мусиқӣ;
– суҳбат оид ба асари шунида;
– таҳлили асар;
– шунидани такрорӣ.

Дар аксари ҳолатҳо омӯзгор, пеш аз он ки бо асари нав шинос шавад, доир ба оҳангсоз, воқеа ё лаҳзаи аҷиби рӯзгори ӯ ва ё шароите, ки ягон асари нави ӯ ба вуҷуд омадааст, каме маълумот медиҳад (матни хурд бошад ва он бояд аз як-ду дақиқа зиёд вақтро нагирад!)

**Усули “Нақл доир ба мусиқӣ”**

Махсусияти ин усул дар он аст, ки пеш аз шунидани мусиқӣ саволҳои махсус омода шуда, хонандагон бо он шинос карда мешавад. Як намунаи он чунин буда метавонад:

“Ман... (*номи асар ва оҳангсоз*)-ро шунидам”.

Ин асар ба ман ҳиссиёти... бахшид.

Он дар... (*номи соз/созҳои мусиқӣ ва иҷрокунанда*) навохта/иҷро карда шуд.

Мусиқӣ... (чӣ гуна?) садо дод.

Ба назари ман оҳангсоз дар бораи... (*чӣ/чиҳо ва ё кӣ/киҳо*) маълумот додан мехоҳад.

Вобаста ба мақсад ва самти ташаккули салоҳиятҳо саволҳои намунавӣ метавонад пурра гардад, илова карда шавад ва ё тағйир ёбад. Ин усул барои ташаккули малакаҳои таҳлили асари мусиқӣ, баёни фикри шахсии хонанда, ташаккули ҷавоби мантиқӣ ва нутқи шифоҳию хаттии хонанда имконият медиҳад.

**Усули “Мусиқиро тасвир менамоем”**

Махсусияти ин усул дар он аст, ки хонанда тасвири асари шунидаашро иҷро мекунад ва шарт нест, ки он образи аслӣ бошад. Яъне бо воситаи ранг ва хатҳои муайян образи абстарктии асарро ба таври хос инъикос мекунад ва шарт нест, ки хонанда маҳорати расмкашӣ дошта бошад. Ӯ метавонад таввасути рангҳои гуногун ва ё хатҳои муайяни

ранга образи тахайюлотии худро тасвир карда, ба дигарон муаррифӣ кунад. Муаррифӣ низ дар асоси хоҳиши хонандагон ба роҳ монда мешавад.

Чунин амал ба хонандагон имкони тасвири тахайюлоти худро, ки ҳангоми шунидан ва эҳсоси мусиқӣ ба вуҷуд меорад, дар раванди шунидани мусиқӣ фароҳам меорад. Дар ин асно мусиқӣ барои бунёди симои нав дар тафаккур ва тахайюлоти бойи хонанда замина мегузорад. Инчунин, алоқамандӣ бо фаъолияти тасвирии хонандагонро таъмин мекунад.

**Усули «Мулоҳизаи авалини ман оид ба мусиқии шунида»**

Усули мазкур имкон медиҳад, ки то кадом андоза асари шунида ба хонандагон таъсири худро мерасонад, кадом ҳиссиётҳо (таасурот, дарки мусиқӣ) дар ӯ бедор мешавад, то кадом андоза образи оҳангсоз эҷодкардаро дарк мекунад, муайян карда шавад. Яъне сатҳи дарк кардани санъати мусиқӣ дар хонанда муайян карда мешавад.

Тартиби он чунин аст: ба хонандагон як асари мусиқиро бе ном, шарҳ ва номи муаллифи он шунавонда мешавад. Танҳо чунин супориш пешниҳод мешавад: оҳангсоз бо садои мусиқӣ кадом ҳиссиётҳоро баён кардан меҳоҳад? Ба мо дар бораи чӣ нақл кардан мехоҳад? Муносибати худро оид ба асри шунида баён кунед (асар ва ё порча аз он 2-3 маротиба садо медиҳад. Талабот ба асари интихобшуда гузошта мешавад, ки бояд барои фаҳмиш дастрас бошад, ҳаяҷонбахш бошад, дар хотир дошта шавад ва пурмазмун бошад).

### 3.5.3. Таълими малакаҳои маърифати мусиқӣ

Маърифати мусиқӣ аз рӯйи сатҳи фаҳмиши хонандагон ҳамчун як шакли санъат, ки бо ҳаёт алоқамандии ногусастанӣ дорад ташаккул дода мешавад. Ҳар як самти таълими фан, аз қабили сурудан, шунидан ва эҷоди мусиқӣ ба маърифати мусиқӣ пайванд буда, дар асоси ин фаъолиятҳо маърифати мусиқиро ҳамчун пояи илми мусиқӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул медиҳад. Маърифати мусиқӣ бо мисолҳо аз сурудан, шунидан ва эҷоди мусиқӣ қавӣ гардонида шуда, ба омӯзгор таъкид мешавад, ки назария натиҷаи мусиқии садодода аст, на баръакс. Яъне, дар асоси иҷроиш ва ё шунидани асар назарияи мусиқӣ бештар аз худ карда мешавад ва инро пайваста бояд дар хотир нигоҳ дошт.

Маърифати мусиқиро дар тамоми лаҳзаи дарс истифода бурдан мумкин аст. Маъмулан бо ду тарз гузаронида мешавад: 1) маълумоти назариявӣ оид ба маърифати мусиқӣ ва 2) омӯзиши амалии моводди назариявӣ.

Дар синфи якум шиносоии хонандагон бо баъзе унсурҳои маърифати мусиқӣ ба тарзи шифоҳӣ сурат мегирад, махсусан донистан ё шинохтани номи нотаҳо, нотагоҳ, калиди мусиқӣ (калиди сол ё скрипка) ва монанди он. Инчунин, самти муҳимми маърифати мусиқӣ дар синфи якум омӯхтани тарзи иҷро (сурудан ва риояи қоидаҳои одии он) ба шумор меравад. Тарзи рост истода сурудан, тарзҳои нафасгирӣ, донистан ва иҷрои дурусти оғоз ва анҷоми суруд маҳз ба омӯзиши маърифати мусиқӣ дар синфи якум мансуб аст ва омӯзгоронро зарур аст, ки ба ин масъала аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд.

Доир ба мустаҳкам кардани донишҳои мусиқавии хонандагони синфи якум амалҳои мусиқавии зеринро дар шаклҳои гуногуни фаъолият гузаронидан мумкин аст:

а) таҳлили одии садоҳо ва асарҳои мусиқӣ тавассути шунидан,
б) машқҳои зарбӣ (ритмикӣ),
в) бозиҳои мусиқавию дидактикӣ,
г) бадоҳатан иҷро кардан (импровизатсия),
д) ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ.

Омӯзгор вобаста ба салоҳдиди дилхоҳи худ фаъолияти амалиро интихоб карда, дар ҳар дарс ба хонандагон пешниҳод мекунад. Дар зер якчанд намунаи онро пешниҳод мекунем.

***Бозии дидактикии “Акси садо (эхо)-и зарбӣ”***

Ин бозӣ дарки дурусти шунавоӣ, зудии таасурот, хотираро инкишоф медиҳад.

Тарзи иҷро: омӯзгор якчанд зарби мусиқиро қарсак мезанад, хонандагон онро бояд дуруст такрор кунанд. Агар онро хонандагон дуруст иҷро накарданд, омӯзгор аз нав такрор мекунад. Дар аввал аз ҷониби омӯзгор иҷрои одии зарби мусиқӣ дар як ё ду такт сурат гирифта, сипас душвор карда мешавад.

Зарб дар асоси машқҳои хурд гузаронида шуда, тавассути қарсак, кафкӯбӣ ва пойкӯбӣ гузаронидан мумкин аст. Қисматҳои алоҳидаи якчанд маротиба иҷро карда шуда, ҳамчун акси садо хонандагон онро такрор мекунанд, сипас як ҷумлаи мусиқӣ ба пуррагӣ иҷро карда мешавад. Онро бо роҳу тарзи гуногун истифода бурдан мумкин аст.

Масалан, омӯзгоро зарби зеринро иҷро мекунад, хонанда ё хонандагон баъди ӯ айнан такрор мекунанд:




## IV. Арзёбӣ

Арзёбии салоҳиятҳо аз фанни суруд ва мусиқӣ дар ҳар дарс (арзёбии ташаккулдиҳанда), ҷамъбастӣ, нимсолаю солонаи фаъолияти хонандагон ва ба натиҷаи он гузошта мешавад.

Раванди инкишофи тадриҷии фардии хонанда дар асоси муқоисаи муваффақияти ҳозира бо комёбии гузаштаи ӯ муайян карда мешавад, яъне аз нуктаи оғози ба даст овардан то нишон додани салоҳият. Муқоисаи байниҳамдигарии хонандагон пазируфта намешавад. Ба онҳо барои иҷрои фаъолияти якҷоя низ баҳо дода мешавад.

Дар синфи якум системаи санҷиш ва баҳогузорӣ дар асоси дастгирии мусбии педагогӣ гузаронида мешавад, яъне бе холгузорӣ, ки ба ҳавасманд кардани хонанда равона шудааст.

Омӯзгор натиҷаи азхудкунии дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагонро, ки аз нишондиҳандаҳои салоҳият бармеояд, дар дафтар ишора мекунад.

Дар дафтари алоҳида се ҷадвали поён бо ному насаби хонандагони синфи худ дарҷ карда мешавад. Ҷадвалҳоро махсусан дар аввали сол, нимсола ва охири сол барои муқоиса истифода бурдан ба маврид аст. Агар онро дар ҳар дарс, дарси санҷиши ҷорию натиҷагирӣ ва охири ҳар нимсола пур карда, таҳлил карда шавад боз беҳтар аст. Чунин тарзи арзёбӣ имкон медиҳад, ки дастовардҳои хонандагон ҳамеша дар мадди назар бошад ва барои ҳалли душвориҳои ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Ҷадвали 1. Мушоҳидаи шунидани асарҳо

| № | Ном | Риояи қоидаҳои шунидан | Дарки мусиқӣ | Таҳлили одии асари шунида | Чӣ бояд кард? |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | *Аҳрор* | Ором намешинад | | | Такрори қоидаҳо ва фаҳмондани он |
| 2 | *Аниса* | | Маънои оҳангро намефаҳмад | | Шарҳи қисматҳои алоҳида |
| 3 | *Беҳзод* | | | Бо суханони худ баён карда наметавонад | Шунавонидани такрорӣ ва вазифаҳои алоҳида дар хона |
| 4 | *Гулрафтор* | | | | |
| 5 | ………… | | | | |

Ҷадвали 2. Мушоҳидаи иҷрои асарҳо (сурудан)

| № | Ном | Риояи қоидаҳои сурудан | Талаффузи матни суруд | Риояи сурудани оғоз ва анҷоми асар | Чӣ бояд кард? |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | *Аҳрор* | | | | |
| 2 | *Аниса* | | | | |
| 3 | *Беҳзод* | | Ҳарфҳои «с» ва «ш»-ро нодуруст талаффуз мекунад | | Такроран иҷрои матн ва ҳиҷоҳои алоҳида, машқ кардани талаффузи ҳарфҳо |
| 4 | *Гулрафтор* | Нодуруст нафас мегирад | | | Шаклҳои нафасгириро нишон додан ва машқи он |
| 5 | ………… | | | | |

Ҷадвали 3. Мушоҳидаи маърифати мусиқӣ

| № | Ном | Донистани мафҳумҳои мусиқӣ | Муаллифони осори мусиқӣ | Донистани созҳои мусиқӣ | Чӣ бояд кард? |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | *Аҳрор* | | | | |
| 2 | *Аниса* | | | | |
| 3 | *Беҳзод* | | Оҳангсозро аз шоир фарқ намекунад | | Бо мисолҳои одӣ фарқиятҳоро фаҳмонидан |
| 4 | *Гулрафтор* | | | | |
| 5 | ………… | | | | |

## 5.1.Санҷиши хонандагон дар ҳар дарс.

Дар ҳар дарс санҷиши хонандагон бо мақсади муайян кардани дастовардҳои мушаххас гузаронида мешавад. Чунин намуди санҷиш ҷиҳатҳои тарбиявӣ ва ҳавасмандии хонандагонро ба эътибор гирифта, барои ташаккули дурусти худбаҳои хонанда ва барои ба назар гирифтани хусусиятҳои шахсӣ шароит фароҳам меорад.

Ҳангоми **санҷиши дастовардҳои хонандагон дар ҳар дарс** омӯзгор ба сифати нишондодҳои асосии зерини таълим такя мекунад:

- сифатнок аз худ кардан, дарки мавод ва дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои пешбинишуда;
- дараҷаи ҷалби хонанда ба фаъолияти бадеию маърифатӣ;
- ҳавасмандӣ барои иҷрои супоришҳои дараҷаи душвориаш гуногун;
- пайдо кардани малака ва маҳоратҳои алоҳидаи умумитаълимӣ дар фаъолиятҳои амалӣ;
- ба даст овардани нишондиҳандаҳои алоҳида доир ба ташаккули салоҳиятҳо дар давоми сол.

Баҳо ҳангоми санҷиши хонандагон дар ҳар дарс барои фаъолиятҳои алоҳида ва ё ба тамоми кори дар синф иҷрошуда гузошта мешавад (дар синфи якум баҳогузорӣ ба тарзи хол).

Ҳангоми санҷиши хонандагони синфи якум дар ҳар дарс чунин шакл ва воситаҳо истифода мешаванд:

**Дарки (шунидани) мусиқӣ:**

*1. Пурсиши шифоҳӣ(ҷавоб ба саволҳои пешниҳодшуда, таҳлили одии асарҳои шунида, тавсифи умумии эҷодиёти оҳангсоз, тасвири шифоҳии образҳои мусиқӣ ва ғайра).*

**Фаъолияти амалӣ (сарояндагӣ, иҷрокунандагӣ) ва эҷодӣ:**

*1. Иҷрои овозию ҳамсароӣ (иҷрои намуди фардӣ, гурӯҳӣ, инчунин ҳамсароӣ низ тавсия мешавад);*

*2. Навозиш дар созҳо (намуди навозишҳои фардӣ ва якҷоя (гурӯҳӣ, даста);*

*3. Иҷрои супоришҳои эҷодӣ (навозиши зарбҳои одӣ, навозиши зарбҳо аз порчаҳои асарҳои омӯхташаванда, супоришҳо аз китобҳои дарсӣ).*

Дар фаъолияти амалӣ ба сатҳи ташаккули салоҳиятҳо (дониш, малака, маҳорат ва қобилиятҳо)-и мусиқии ҳар хонанда баҳо гузошта мешавад.

## 5.2. Санҷиши хонандагон дар нимсола

Бо мақсади арзёбии салоҳиятҳои бадастоварда дар муддати ним соли таълимӣ санҷиши хонандагон гузаронида мешавад.

Азбаски барои таълими фанни суруд ва мусиқӣ мувофиқи нақшаи таълим дар ҳафта як соат ҷудо шудааст, баҳои ҷамъбастиро на дар ҳар як ҷамъбасти рейтинг, балки дар нимсола гузоштан бамаврид аст. Чунин намуди санҷишро дар синфи якум танҳо дар шакли шифоҳӣ гузаронидан мумкин аст. Санҷиш бояд самти салоҳиятҳо (ҳамаи намуди фаъолиятҳо)-ро фаро гирад, ки стандарти фан дар ин синф пешбинӣ кардааст.

Дар ин ҳол метавон шаклҳои дарси ғайрианъанави (дарс-консерт, дарс-мусобиқа ва ғайра)-ро низ истифода бурд. Чи дар намуди дарсҳои анъанавӣ ва чи дар ғайрианъанавӣ бояд натиҷаҳои фаъолияти таълимии ҳар як хонанда арзёбӣ карда шавад, ки дар он метавон намудҳо, методҳо ва воситаҳои гуногуни санҷиш (викторинаҳои мусиқӣ, супоришҳои тестӣ ба таври шифоҳӣ ва ғайра)-ро истифода намуд.

Арзёбӣ дар нимсола бо дарназардошти натиҷаҳои дар дарсҳо ба даст овардашуда ба амал меояд. Дар он бартарии баҳои гирифтаи хонандаро ба эътибор гирифта, омӯзгор бо дарназардошти дастовардҳои таълимии ӯ дар ҳамаи намудҳои фаъолият салоҳиятҳоро ташаккул медиҳад ва аз натиҷаи он баҳо гузошта метавонад.

## 5.3. Санҷиши солона

Барои муайян кардани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда дар давоми сол санҷиш гузаронида мешавад. Дар охири сол дар дафтари синф ва варақаи шахсии хонанда ба синфи дуюм гузаштанро қайд мекунад.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси машғулиятҳои мусиқӣ, ки се тарзи асосии кор (шунидан, сурудан, маърифат (савод)-и мусиқӣ)-ро дар бар мегирад, намудҳои назорат ҳам аз рӯйи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад.

***Шунидан:*** донистан ва дар хотир доштани мусиқии омӯхташуда, баёни ҳиссиёти шахсӣ дар асарҳои шунида ва муайян кардани жанрҳои алоҳидаи мусиқӣ. Натиҷаи нисбатан самарабахши шакли назорат ташкили викторинаҳои мусиқии фарогири лаҳзаҳои асарҳои мусиқӣ ба шумор меравад.

***Сурудан:*** корҳои амалӣ; дарсҳои ҷамъбастӣ – консертҳо дар охири ҳар як нимсола ва охири сол бо номераҳои аз рӯйи таркиб гуногуни сурудҳо: хорӣ, ансамбл, яккасароӣ.

***Маърифат (савод)-и мусиқӣ:*** масъалаҳои тестӣ ё саволномаҳо (дар синфи якум бештар ба таври шифоҳӣ тавсия мешавад, зеро вақт барои хондану иҷро кардан кам аст ва ба синну соли хонандагон мувофиқ нест). Ба масъалаҳои тестӣ маълумоти зарууртарин (мафҳум дар бораи намудҳои мусиқӣ, муаллифони осори мусиқии машҳур, донистани номи созҳои мусиқӣ, шарҳи ҳоли оҳангсозон, мазмун ва сохтори асарҳо) ворид карда мешаванд.

***Талабот ба гузарондани санҷиш:***

- саволҳои пурсишнома дар доираи муайян кардани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошад;
- супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро фаро гиранд;
- тарзи ифодаи саволҳо ба талабаҳо фаҳмо ва дастрас бошад;
- пурсишнома мунтазам гузаронида шавад, то ки талабагон ба талаботи он одат кунанд.

***Талабот ба гузаронидани назорати масъалаҳои тестӣ:***

- масъалаҳои таълимӣ бояд ба сатҳи стандарти давлатии таҳсилот мутобиқат кунанд.
- санҷишҳои тестӣ аз фанни суруд ва мусиқӣ алоҳида гузаронида мешаванд.
- санҷиши иҷрои талаботи стандарт бояд дар арафаи анҷомёбии давраҳои раванди таҳсил, инчунин дар охири зинаи ибтидоии таълим дар синфи 4-ум ба амал бароварда мешавад.

## 5.4. Намунаҳои арзёбӣ

### 5.4.1. Намунаҳои арзёбӣ оид ба сурудан

***Баҳодиҳӣ ба фаъолияти коллективии хонандагон***

Азбаски бештари фаъолияти хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба фаъолияти сарояндагӣ равона карда шудааст, баҳодиҳии якҷояи хонандагон ҳангоми ҳамсароӣ пазируфта мешавад. Онро дар шакли гуногун гузаронида мешавад: дар гурӯҳҳои хурд, дар саф ё қатори муайян, дар ҳамсароӣ. Дар ин маврид бештар ба донистани матн ва дуруст иҷро кардани суруд аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Масалан, аз як гурӯҳ ё қатор хоҳиш кунед, ки сурудро иҷро кунад, боқимонда хонандагон ҳамчун экспертон ба сароидани

гурӯҳ ё қатор баҳо медиҳанд. Бояд дар хотир дошта бошед, ки ҳангоми баҳодиҳӣ танҳо ба иҷрои як супориш баҳо дода мешавад, на барои иҷроиши пурраи супоришҳо. Дар ин маврид як ё ду унсури одитарини меъёрҳоро баҳо медиҳем, масалан:

- иҷроиши дурусти қоидаҳои сурудан;
- тоза талаффуз кардани ҳиҷо, калима ва ибораҳои суруд;
- донистани матни суруд;
- баён кардан/нишон додани ҳиссиётҳо ҳангоми сурудан ва ғайра.

***Дар назди лавҳа (тахта)-и синф***

Як шакли анъанавии методи пурсиш аст: хонанда месарояд, омӯзгор суруданро гӯш карда, баҳо мегузорад. Чунин шакли баҳогузорӣ дар ҳамон маврид самаранок мешавад, ки агар сурудани хонанда барои мулоҳизаронии аҳли синф замина гузорад. Мисол, дар назди тахтаи синф хонандае меистад, ки хеле хуб месарояд. Сароидани хонанда барои дигарон ҳамчун намуна хизмат мекунад.

Омӯзгорон боз як шакли дигари чунин усулро истифода мебаранд. Дар назди лавҳаи синф хонандаи беҳтарин сурудро иҷро мекунад, омӯзгор пешниҳод мекунад, ки барои беҳбудӣ ва бартараф кардани камбудиҳояш хонандагон тавсияҳо диҳанд. Чунин фаъолият барои ба якдигар баҳо додани хонандагон имконияти бештар фароҳам меорад.

***Дастгирии мусбии педагогӣ***

Дар дарсҳо истифодаи дастгирии мусбии педагогӣ барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон яке аз вазифаи муҳимми фанни мазкур ба шумор меравад. Онро дар адабиёти педагогӣ ҳамчун «баҳогузорӣ бе хол» низ меноманд. Азбаски дар дарсҳо якчанд фаъолияти мусиқӣ ба роҳ монда мешавад, ҷиҳатҳои мусбии фаъолияти хонандагонро дар дарс низ қайд кардан ба маврид аст. Масалан, Беҳрӯз, Аниса ва Аҳрор имрӯз хеле хуб сароиданд. Шодмон, Равшан ва Гулшан жанрҳоро хуб муайян карданд. Хушбахт, Фирдавс ва Меҳрӣ миқдори овозҳоро дуруст муайян карданд ва ғайра. Ин амал барои худбаҳодиҳии хонандагон замина гузошта, барои хонандагони дигар омили муҳимми кӯшиши омӯзиш ё пайравӣ мешавад.

Як қонунияти муҳимро дар ин маврид бояд риоя намуд – тавсияҳо бояд аз ҷиҳати мусбӣ оғоз шаванд, мисол: «Ба ман тарзи иҷроиши Меҳрӣ хеле писанд омад», «Маро Фирдавс бо сурудани дурусти ҳиҷо ва ҷумлаҳои матни суруд хурсанд намуд. Ӯ хеле оромона ва форам сароид». Сипас ба тавсияҳо гузаштан лозим аст, мисол: «Фирдавс хеле оромона ва форам сароид, аммо хуб мешуд сурудро каме боҷуръат ва тантананок месароид. Зеро суруд дар андозаи 4/4 навишта шудааст». «Ба ман тарзи иҷрои Меҳрӣ писанд омад, аммо каме матни сурудро фаромӯш кард» ва монанди ин. Тавсияҳо бояд характери хайрхоҳӣ дошта бошанд, мисол: «Ман мехостам … », «Хуб мешуд, агар … », «Баъд аз ман чунин такрор намо … » ва ғайра.

### 5.4.2. Намунаҳои арзёбӣ оид ба шунидани мусиқӣ

***Пурсиши шифоҳӣ***

Аксари ҳолатҳо дар дарсҳо мо то андозае шакли пурсишро доир ба асари шунида ба пуррагӣ мушоҳида карда наметавонем. Аз ин рӯ, дар ин самти таълими фан, ки қисмати таркибии дарс ба шумор меравад, омӯзгор яз якчанд шаклҳои пурсиши шифоҳӣ самаранок бояд истифода барад. Масалан, «Блитс-пурсиш», «Пурсиш бо рақам», «Пурсиш аз рӯйи варақаи назоратӣ» ва ғайра. Дар ин шакл аз саволҳои хусусияти гуногундошта истифода кардан мумкин аст, ки он ба таҷрибаи омӯзгор, мақсад ва вазифаи таълимии гузошта

вобастагӣ дорад. Барои мисол, «Ман/мо кадом асарро айни ҳол навохтам (иҷро кардам, шунавондам)?», «Ҳангоми шунидани ин асар кадом фикрҳои муҳим шуморо ба ёд омад?», «Як лаҳза чашмонатонро пӯшед ва тасаввуроти худро бо расм ифода кунед», «Ҳангоми шуниданни ин асар варақаҳоро бардоред, ки ба хусусияти оҳанг мувофиқ бошад: зард – хурсандибахш, сиёҳ – ғамангез» ва ғайра.

***Фаъолияти «Аз ҳама бодиққат»***

Омӯзгор мусиқии шиносро иҷро мекунад (менавозад). Дар як қисми асар оҳангро каме тағйир медиҳад ва ё пайдарҳамии сеовоза (аккорд)-ро тағйир медиҳад. Хонандагон бояд қисми тағйирёфтаро муайян кунанд. Ин амал барои сатҳи фаҳмиши шунавоии хонандагонро доир ба лаҳни мусиқӣ ва ҳамоҳангӣ (гармония) ташаккул медиҳад.

Гунаи дигар. Хонандагон ҳангоми шиносӣ бо оҳанги нав онро ду-се маротиба бо тарзи дуруст ва баҳсталаб мешунаванд. Баъд муайян мекунанд, ки кадоме аз он дуруст ва кадоме ғалат аст. Боз чандин гунаҳои дигарро низ истифода бурдан мумкин аст.

### 5.4.3. Намунаҳои арзёбӣ оид ба маърифати мусиқӣ

Дар синфи якум хонандагон бо хондани садоҳои мусиқӣ (нотаҳо) шинос мешаванд. Дар ин маврид шаклҳои гуногуни санҷиш ва ё арзёбии дастовардҳои хонандагонро доир ба самти маърифати мусиқӣ муайян кардан мумкин аст. Барои мисол, омӯзгор дар сози мусиқӣ нотаҳоро менавозад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки номи онро ёбанд. Инчунин, шиносӣ бо созҳои мусиқӣ, сохт, таркиб ва таснифи онҳо дар синфи якум омӯхта мешавад. Омӯзгор санҷиши дастовардҳои хонандагонро тавассути расм ва таснифи маводди маърифати мусиқӣ ба роҳ гузошта метавонад. Масалан, дар расм якчанд созҳои мусиқиро ба тартиби омехта мегузорад. Аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки номи онҳоро номбар кунанд. Дар бораи сохт ва овози он маълумот диҳанд ва ё вазифаи мураккабтар доир ба гурӯҳбандии онҳо супориш таҳия кунад. Тарзи гузориши саволу супориш чунин буда метавонад: номи созҳоро номбар карда, онҳоро ба гурӯҳҳои нафасӣ, торӣ ва зарбӣ ҷудо кунед.

***Дастоварди хонанда (портфолио хонанда)***

Ба кори худ баҳо додан фаъолияти аз ҳама мушкил барои хонанда ба шумор меравад. Ин фаъолият барои дарёфт ваислоҳи ғалатҳои содиркарда равона шуда, қобилияти мустақилона ба худ баҳо доданро ташаккул медиҳад. Барои ин таҳияи меъёрҳои муайян ва таҳияи дастоварди хонанда кумак мекунад. Дар он хонандагон дастовардҳои худро ҷамъ карда, ба кори худ баҳо медиҳанд. Як намунаи онро барои шумо дар доираи фанни мазкур пешниҳод менамоем:

1. *Корҳои эҷодӣ:*
   - Расмҳо (созҳои мусиқӣ, расми оҳангсозон ва шоирон);
   - расм ва ё сурати манзараҳо доир ба суруд;
   - расм ва ё сурат доир ба мазмуни асарҳои шунида ва ғайра.
2. *Корҳои беҳтарин, ки доир ба мусиқӣ пешрафтро нишон медиҳад:*
   - Зинаи садоҳо (нотаҳо);
   - кроссвордҳо, викторинаҳои мусиқӣ;
   - эҷоди порчаи оҳангҳо, сурудҳо;
   - ифтихорнома доир ба иштирок дар озмунҳо.

3. *Натиҷаҳои таълимӣ-маърифатии фаъолияти хонанда:*
   - мустақилона ҷамъ кардани маводди маълумотию ахборотӣ аз сарчашмаҳои гуногун;
   - маърӯза;
   - мулоҳизаҳо доир ба ҷамъоварии маводди худ ва ғайра.

Натиҷаи ин фаъолият аз ташкил кардани намоиши дастовардҳо вобастагӣ дорад, ки хонандагон кори худро муаррифӣ мекунанд, яъне барои чӣ маҳз ҳамин корро анҷом додаанд. Иштироки ихтиёрии хонандагон шарти муҳим барои иштирок дар ин намоиш ба шумор меравад, омӯзгор бояд барои ин фаъолият шароити мусоид фароҳам оварад.

БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ СУРУД ВА МУСИҚӢ ДАР СИНФИ 1

**Нақшаи тақвимӣ барои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1**

| Мавзӯъҳои таълим | Соат | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нимсолаи I** | 16 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 1. Занги аввал** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 2. Мактаби мо** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 3. Садо, шеър ва оҳанг** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 4. Созҳои зарбӣ** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 5. Ватанам – Тоҷикистон** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 6. Яккасаро ва ансамбл** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 7. Оҳангсоз – эҷодкор** | 1 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 8. Ҳамсароӣ (хор)** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 9. Дарс-консерт** | 1 | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи II** | | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 1. Алифбои мусиқӣ** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 2. Нотаҳои аввалин** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 3. Иди модарон** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 4. Зарби мусиқӣ** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 5. Суруди мо** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 6. Рақсему навозем** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 7. Мусиқӣ ва парандагон** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 8. “Ре” мегӯям ман бурро!** | 2 | | | | | | | | | | |
| **Мавзӯи 9. Дарс-консерт (арзёбӣ ва ҷамъбаст)** | 1 | | | | | | | | | | |
| **Ҳафта** | | 1 2 3 4 | 5 6 7 8 | 9 10 11 12 | 13 14 15 16 | | 17 18 19 20 | 21 22 23 24 | 25 26 27 28 | 29 30 31 32 | 33 |
| | | **Нимсолаи I** | | | | | **Нимсолаи II** | | | | |

## НИМСОЛАИ ЯКУМ (16 СОАТ)

### Мавзӯи 1. ЗАНГИ АВВАЛ – 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо тарзи иҷроиши суруд ва қоидаҳои он. Қоидаҳои шунидани мусиқӣ. Репертуар барои иҷро: «Занги аввал» – оҳанги Ҷӯрахон Обидпур, шеъри Халифабобо Ҷумъазода; барои шунидан “Ҷон Тоҷикистон” – мусиқии Шариф Бобокалонов, шеъри Мирсаид Миршакар.

**Салоҳиятҳо:**
- қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
- ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
- унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
- оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:
- қоидаҳои иҷрои сурудро донанд;
- қоидаҳои нафасгириро дуруст иҷро кунанд;
- талаффузи дурусти ҳиҷоро мувофиқи оҳанги суруд иҷро карда тавонанд;
- қоидаи шунидани мусиқи (оромона шунидан)-ро риоя кунанд.

**Методикаи таълим.** Дар қисмати мазкур қадамҳои дарс ҳамчун намуна пешниҳод мешавад, ки омӯзгор аз он истифода бурда метавонад. Инчунин, дарсҳои мазкур намунавӣ буда, эҷодкории омӯзгоронро маҳдуд намесозад, зеро ташаккули салоҳиятҳо тавассути мақсадҳои ҳар як дарс таъмин карда мешавад, ки омӯзгор метавонад аз методу воситаҳои гуногун ва таҷрибаи шахсӣ низ истифода карда, дарсҳоро боз ҳам гуногун, шавқовар ва мақсаднок ташкил кунад. Мо танҳо қадамҳоро барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ ҳамчун намуна пешниҳод менамоем. Дар хотир дошта бошед, ки то нимсолаи аввали синфи якум хонандагон тавассути расм, бозиҳо ва фаъолиятҳои гуногуни таълимӣ маводди таълимро аз худ карда, матнҳо ва фаъолиятҳои таълимро тавассути нутқи омӯзгор ба роҳ мемонанд. Омӯзгор дарси мазкурро чӣ тавр ба роҳ монда метавонад? Омӯзгор дар асоси ин намунаҳо дарсро ба роҳ монда, нақшаи дарсро тартиб медиҳад, кӯшиш мекунад, ки дониш, малака ва маҳорати заруриро фаро гирифта, барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон замина гузорад.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс (интихобан омӯзгор оҳангро менавозад ё бо воситаҳои техникӣ мешунавонад). Ҳар як омӯзгор ба тарзи хос бо хонандагон одоби саломро ба ҷо меорад, дар дарсҳои мусиқӣ он метавонад бо воситаи оҳанг иҷро карда шавад (ба салоҳдиди омӯзгор аст). Бо хонандагон мақсадҳои дарсро баён кунед. Масалан, мо имрӯз дар бораи қоидаҳои сурудан маълумот пайдо карда, банди аввали суруди “Занги аввал”-ро иҷро менамоем.*

2) Тавсия менамоем, ки дарси аввалро аз суҳбат доир ба мавқеи фан оғоз карда, бо чанд мисоли одӣ онро баён кунед. Масалан, бачаҳо мо дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ месароем, мусиқӣ мешунавем ва бо тарзи иҷроиши он шинос мешавем. Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шумо ҳар рӯз тавассути воситаҳои ахбори умум (телевизион, радио) мешунавед. Ин суруд ифтихори мост. Пас, биёед мову шумо ҳам барои сароидани сурудҳо омода мешавем. Бо қоидаҳои сурудан хонандагонро шинос кунед:

**СУРУДРО ЧӢ ТАВР БОЯД ИҶРО КАРД?**
Бо мусиқӣ бодиққат гӯш диҳед.
Пеш аз сурудан китфҳоро набардошта,
Оромона нафас гиред.
Ҳангоми сароидан кӯшиш кунед,ки овози
рафиқатонро шунавед.
Сурудро бо овози ҷуру форам сароед.
Калимаҳоро бурро ва фаҳмо талаффуз кунед.
Бо садои мусиқӣ эътибор дода, мувофиқи он
сароед.
Бо ишораи муаллим баробар оғоз кунед,
Баробар сароед ва ба анҷом расонед.



Машқи овозиро тавассути як банди суруд ба роҳ монда, қоидаҳои номбаркардаатонро якчанд маротиба машқ кунед, ғалатҳои хонандагонро мушоҳида карда, тарзи нафаскашӣ, талаффузи дурусти ҳарфу ҳиҷоҳо, махсусан кашиш додани садоҳоро тибқи оҳанги суруд аввал иҷро кунед, сипас такрори онро аз хонандагон хоҳиш кунед.

3) Азхуднамоии банди якуми суруди “Занги аввал”, шеъри Халифабобо Ҷумъазода, мусиқии Ҷӯрахон Обидпурро оғоз кунед. Пеш аз сароидан ба ду марҳалаи асосӣ – суҳбат пеш ва баъд аз он эътибор диҳед. Дар марҳалаи пеш аз сурудан: а) суҳбат доир ба номи асар, муаллифони он (оҳангсоз ва шоир) гузаронидан мувофиқи мақсад аст. Дар он маълумоти аз ҳад зиёд истифода бурдан мумкин нест, танҳо маълумоти ҷолиб оид ба шарҳи ҳоли онҳо ва ё эҷоди ягон асар (шеър) нақл овардан мумкин аст; б) пеш аз сурудан яке аз талаботи муҳим ин машқи овозӣ аст, ки он ба салоҳияти омӯзгор вогузор мешавад. Аз машқҳои хурди овозӣ, ба мисли сурудани ҳиҷоҳои да, де, ди, до, ду (дар нотаҳои гуногун), сурудани қаторовоз (**до, ре, ми, фа, сол, ля, си**...), сеовозаҳои мажорию минорӣ (**до-ми-сол**...) ва порчаи хурди суруд ё ҷумлаи мусиқӣ, ки дар дарсҳои гузашта омӯхтаанд, истифода бурда мешавад. Аз машқҳои овозӣ, ки дар китобҳои дарсии солҳои қаблӣ ва амалкунанда оварда шудааст, фаровон истифода бурда метавонед. Дар мавриди ин дарс бошад, машқи овозиро шумо тавассути машқи хурд то ин қисмат мегузаронед.

Банди аввали суруд ҷумла ба ҷумла тавассути оҳанг аз худ карда мешавад (дар хотир доред, ки матни суруд ҳатман бо оҳанг аз худ карда шавад беҳтар аст, зеро матн зуд аз худ шуда, ғалатҳои хонандагон ҳангоми мадкашии садоҳо хеле кам мушоҳида мешавад. Онро ислоҳ кардан осонтар аст). Мувофиқи методикаи таълими фан фаромӯш накунед, ки сурудро ҳатман бо оҳанг мисраъ ба мисраъ якҷоя аз худ кунед. Барои мисол, бозии “Акси садо”-ро истифода баред. Тартиби он: омӯзгор ҷумлаи мусиқиро иҷро мекунад ва хонандагон баъди ӯ онро такрор мекунанд. Ҳамин тавр омӯзгор аз ҷумлаҳои мусиқӣ ба як банди суруд мегузарад ва хонандагон чун акси садои омӯзгор онро такрор мекунанд. Дар охир вобаста ба камбудии хонандагон ҷиҳатҳои душвори сурудро якчанд маротиба такроран иҷро кунед, бурро ва ҷӯр суруданро таъкид кунед.

**Арзёбӣ.** Арзёбии дониш, малака ва маҳорате, ки барои ташаккули салоҳияти хонанда ҳамчун замина ба шумор меравад, меъёрҳои мушаххас тартиб дода, истифодаи онро бо хонандагон аз дарси аввал муҳокима кардан лозим аст. Ин меъёрҳо ба назари мо имкониятҳои зеринро дар синфи якум фароҳам меорад:

- барои муайян кардани самтҳои кор: *хонандагон тартиби корро дар синф меомӯзанд, шаклҳои ҳамкорӣ бо омӯзгор ва шарикони худро ёд мегиранд, шакл ва воситаҳои кор бо маводди таълимиро меомӯзанд;*
- иҷрои фаъолияти нав: *дар хонанда майлу хоҳиш ва мақсадҳо барои иҷрои фаъолиятҳои нав пайдо мешавад;*

- машқ кардан: *хонанда моҳияти кори худ ва муқоиса бо кори дар асл иҷрошавандаро сарфаҳм меравад;*
- пешниҳоди натиҷаи кор ва қадрдонии он: *хонандагон натиҷаи кори худро арзёбӣ карда, барои иҷрои фаъолиятҳо боварӣ пайдо мекунанд.*

Дар синфи якум баҳои балӣ гузошта намешавад, барои ҳавсманд кардани хонандагон баҳо шифоҳӣ баён мешавад. Омӯзгор арзёбиро барои муайян кардани дараҷаи ташаккули салоҳиятҳо истифода бурда, қайдҳои худро дар асоси меъёрҳо анҷом медиҳад (бештар арзёбии ташаккулдиҳанда истифода мешавад).
Масалан,

| **Нишондиҳанда** | **Воситаҳо** |
|---|---|
| Дар вақти сурудан қоидаи нафасгириро дуруст истифода мебарад (*ҳангоми нафасгирӣ китфҳоро намебардорад*) | Мушоҳида |
| Ҳиҷоҳоро мувофиқи оҳанги суруд дуруст талаффуз мекунад | Машқ ва мушоҳида |
| Ҳангоми сурудан кашиш додани садоҳоро тибқи оҳанги суруд сарфаҳм меравад | Амалан нишон додан<br>Мушоҳида |

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Пешниҳоди мақсадҳои дарс бо нишон додани қадамҳо. Масалан, аввал мо банди аввали сурудро аз дарси гузашта ба ёд меорем, сипас банди дуюмро аз худ карда, сурудро ифоданок месароем ва бо қоидаҳои сароидан шинос мешавем.*

2) Аз банди якуми суруди «Занги аввал» – шеъри Халифабобо Ҷумъазода, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур як ҷумлаи мусиқиро аввал ба сифати машқи овозӣ, сипас ба пуррагӣ ҳамчун иҷро ва мустаҳкамкунии дарси гузашта гузаронед. Метавонед хонандаи фаъолро, ки "тоза" месарояд, назди тахтаи синф бароред, яккасароӣ кунад ва сипас хонандагон баъди ӯ идома диҳанд.
   Банди дуюм ва якҷоя кардани ҳар ду бандро машқ кунед. Аз тавсияҳои қисмати "азхудкунӣ" ва "сурудан", ки дар таълими малакаҳои сурудан шарҳ дода будем, истифода баред. Қоидаҳои суруданро машқ кунед ва ҳангоми иҷроиш мушоҳида кунед, ки хонандагон чӣ душворӣ доранд. Душвориҳои хонандагонро дар раванди кор ба тариқи тавсия, нишон додан, иҷроиш аз ҷониби омӯзгор ва ё иҷроиши хонандаи фаъоли синф, ки дуруст иҷро мекунад ба роҳ монда, ислоҳ кунед.
3) Шунавонидани порча аз оҳанги "Ҷон Тоҷикистон"– мусиқии Шариф Бобокалонов, шеъри Мирсаид Миршакар. Пеш аз шунавонидани порчаи асар тартиби шунавониданро бори дигар ба ёд оред, ки аз кадом қисмҳо иборат аст. Ба хонандагон қоидаҳои шунидани мусиқиро номбар кунед (*азбаски хонандагон аввалин маротиба шунидани мусиқиро дар синфхона мегузаронанд, тартиби онро ба таври возеҳу равшан фаҳмонидан зарур аст. Зеро аз синни хурдӣ онҳо мусиқиро аз воситаҳои гуногун мешунаванд ва майлу ҳавас нисбат ба ягон жанри мусиқӣ доранд. Аммо шунидани мусиқӣ дар толорҳои консертӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ки маданияти баланди шунидани мусиқиро талаб мекунад, ба пуррагӣ дарк намекунанд. Бинобар ин доир ба рафтори онҳо дар вақти шунидани мусиқӣ дар дарсҳо диққати махсус додан лозим аст*). Аз саволҳои одӣ оғоз кунед: вақте оҳанг садо медиҳад мо чӣ кор мекунем? Чи тавр нишастан лозим аст? Агар мусиқӣ садо дода истода бошад, оё бо

якдигар сухан кардан мумкин аст? Бо омӯзгор чӣ? (*қоидаи шунидан талаб мекунад, ки бо якдигар сухан кардан, ба омӯзгор савол додан дар вақти шунидани оҳанг мумкин нест*). Дар миз озодона нишаста метавонед, аммо дар хотир доред, ки то охири оҳанг дар як ҳолат, оромона нишастан зарур аст. Пас биёед мо қоидаҳоро риоя карда, порча аз оҳанги Шариф Бобокалоновро, ки "Ҷон Тоҷикистон" ном дорад, мешунавем. Агар қоидаҳоро хонандагон риоя накарданд, пас иҷрои қоидаҳоро фаҳмонед/нишон диҳед (бе гирифтани ному насаби хонанда, танҳо қоидаи вайроншударо фаҳмонед, ки мумкин нест!) Пас аз шунидани порчаи асар саволҳо диҳед: ин оҳанг дар бораи чӣ аст? Ба мо чиро фаҳмондан мехоҳад? Сипас бори дигар порчаи асарро шунавонида, ҷиҳатҳои асосии оҳангро барои хонандагон фаҳмонед.

**Арзёбӣ.** Барои санҷидан ва қайд кардани дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар дарси мазкур аз тавсияҳои дарси аввал истифода баред. Ба сифати намуна чунин меъёрҳоро истифода бурда метавонед:

| **Нишондиҳанда** | **Воситаҳо** |
|---|---|
| Дар вақти сурудан қоидаи нафасгириро дуруст истифода мебарад (*ҳангоми нафасгирӣ китфҳоро намебардорад*). | Мушоҳида |
| Ҳиҷоҳоро мувофиқи оҳанги суруд дуруст талаффуз мекунад. | Машқ ва мушоҳида |
| Ҳангоми сурудан кашиш додани садоҳоро тибқи оҳанги суруд сарфаҳм меравад. | Амалан нишон додан Мушоҳида |
| Ҳангоми шунидани мусиқӣ ором мешинад ва бодиққат гӯш мекунад | Мушоҳида |
| Дар бораи оҳанги шунида, ақидаи худро бо суханони одӣ баён мекунад | Амалан нишон додан |

## Мавзӯи 2. МАКТАБИ МО – 2 соат

**Барнома.** Тарзҳои сурудан (қоидаҳои нишаста ва рост истода сурудан). Шиносоӣ бо садоҳои баланд ва паст. Суруд барои иҷро: "Мактаб"– мусиқии Ҷамила Рустамова, шеъри Мирсаид Миршакар.

**Салоҳиятҳо:**

- қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
- ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
- унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
- оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** *хонандагон бояд*:

- тарзи нишаста суруданро дуруст иҷро кунанд;
- тарзи рост истода суруданро донанд;
- ҳангоми сароидан овозашонро ба оҳанги мусиқӣ ҷӯр кунанд;
- дар бораи садоҳои пасту баланд маълумот дошта бошанд;
- фарқи овозҳои ғафсу борикро дар созҳои мусиқӣ ва садоҳои гуногун муайян кунанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён намунаи дарс/фаъолиятҳои таълим оварда мешаванд. Ин қисмат тавсиявӣ аст, Аз ин лиҳоз, омӯзгор вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса онро метавонад тағйир диҳад, иловаҳо ворид кунад. Аммо омӯзгорон бояд натиҷаҳои ниҳоии таълимии дарс ва ташаккули салоҳиятҳоро ҳамчун меҳвари дарс қарор диҳанд.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шиносоӣ бо мақсади дарс тавассути пешниҳоди маълумоти шавқовар: "Мо имрӯз дар бораи муассисаи таълимиамон сурудеро иҷро менамоем. Он мактаб ном дорад, яъне мо ҳангоми ба дарс омадан, ба куҷо меравам мегӯем?"– ба "Мактаб".*

2) Маърифати мусиқӣ. Тарзи нишаста суруданро як бор нишон диҳед. Сипас тарзи рост истода суруданро дар асоси суруди гузашта ва ё порчаи он иҷро кунед. Инчунин, қоидаҳои суруданро барои азхудкунии маводди нав истифода баред. Онро пеш аз сурудан амалан нишон дода, сипас саволгузорӣ кунед ва дар раванди кор бо хонандагон машқ кунед. Бештар ба масъалаи қоидаҳои нишаста сурудан диққат диҳед, зеро бештари ҳолатҳо хонандагон нишаста месароянд. Инчунин, бештари фаъолиятҳои сурудан дар ҳамсароӣ иҷро карда мешавад ва ба ташаккули малакаҳои якҷоя сурудан низ аҳамияти аввалиндараҷа диҳед. Тавассути расм, амалан нишон додан ва машқ кардани қоидаҳоро ба малакаву маҳорат табдил диҳед. Қоидаҳои нишаста сурудан чунин аст:

**Ҳангоми нишаста сурудан:**
• дар нисфӣ курсӣнишинед;
• дастҳоро рӯйи зону гузоред;
• қоматро озод нигоҳ доред ва ба курсӣ такя
Накунед. Инчунин, ба руйи миз ҳам хам нашавед.



3) Иҷрои порчаи суруд аз дарси гузашта ва ё машқи овозӣ (ба салоҳдиди омӯзгор). Банди аввали суруди "Мактаб"– мусиқии Ҷамила Рустамова, шеъри Мирсаид Миршакарро тавассути тавсияҳои қисмати "Таълими малакаҳои сурудан" ба роҳ монед (нигаред қадамҳои вазифаҳои "*I.Огози азхудкунӣ*", "*II.Шунидан – шиносоӣ*" ва *"IV. Азхудкунӣ"*). Доир ба мазмуни матни суруд суҳбат ташкил кунед. Дар дарси мазкур махсусан бо фаъолиятҳои шавқовар азхуднамоии сурудро ба роҳ гузоред. Онро дар шакли мусобиқа дар байни гурӯҳҳои хурд, писарон ва духтарон ба роҳ мондан мумкин аст. Масалан, нақароти сурудро аввал писарон то қисмати такрор иҷро мекунанд ва духтарон бошанд, қисмати такрорро иҷро мекунанд. Сипас баръакс ва дар ин ҳолат "Кӣ форамтар месарояд?", хонандагон баҳо медиҳанд. Ё ба се гурӯҳ хонандагонро ҷудо карда, гурӯҳи сеюмро назоратчӣ мегузорем, ки баҳо диҳанд ва монанди ин.

**Арзёбӣ.** Барои санҷидани малакаи сурудан аз усули дар назди тахтаи синф ба таври инфиродӣ ва ё гурӯҳӣ истифода баред. Тарзи дуруст сурудани хонандагонро таҳсину офарин гӯед. Вобаста ба фаъолияти ба ҳамдигар баҳо додан ин фаъолиятро дар ду се дақиқа ташкил кунед. Вобаста ба қоидаҳои сурудан қайдҳои дар раванди дарс

анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати онҳоро бо назардошти он арзёбӣ кунед.

Меъёрҳо барои санҷиш:

– *ҳангоми сароидан овозашро ба оҳанги мусиқӣ ҷӯр кунад;*
– *тарзи дурусти нишаста сурудонро иҷро кунад.*

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Ба хотир овардани мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.*

2) Давоми иҷрои суруди “Мактаб”– мусиқии Ҷамила Рустамова, шеъри Мирсаид Миршакар. Ба тавсияҳои қисмати “Таълими малакаҳои сурудан” нигаред ва омӯзиши сурудро тибқи вазифаҳои “*III.Муҳокима*”, *“IV. Азхудкунӣ” ва “V. Сурудан”* ба роҳ монед. Инчунин, зарбҳои одиро аз порчаи суруд истифода бурда, бо хонандагон машқ кунед.

3) Расми ду сози мусиқӣ – карнай ва сурнайро ба хонандагон нишон диҳед ва савол диҳед: ин созҳои мусиқӣ чӣ ном доранд? Онҳоро дар куҷо дидаед ва ё садои онҳоро шунидаед? Садои кадоме аз онҳо баланд – карнай ё сурнай? Барои чӣ? Мубоҳисаи гуногунсамт ташкил кунед. Хонандагонро ба се гурӯҳ муттаҳид кунед. Якум нафароне, ки садои карнайро баланд мешуморанд, дувум сурнайро ва сеюм бетараф ё мавқеи худро муайян карда наметавонанд (ё намедонанд). Расмҳои хирс ва булбулро нишон диҳед ва муқоисаи онро бо созҳои мусиқӣ тавассути саволу супориш ташкил кунед. Садои ин созҳои мусиқиро бо овози хирс ва булбул муқоиса кунед. Кадоме аз онҳо ба якдигарашон мувофиқ аст? Чаро чунин меҳисобед?






Хулосаи муҳокимаро дар бораи қоидаи одии пастию баландии садоҳо ба таври зайл ба анҷом расонед:

- садои карнай ғафс (паст) буда, садои сурнай борик (баланд) мебошад.
- садо ҳар қадар борик бошад, он ҳамон қадар баланд мешавад.

**Арзёбӣ.** Барои санҷидан ва қайд кардани дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар дарси мазкур аз тавсияҳои дарси аввал истифода баред. Ба сифати намуна аз усули дар назди тахтаи синф ва дар раванди дарс қайдҳои анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати онҳоро бо дарназардошти мушоҳидаҳо қайд кунед. Бо илова аз меъёри дарси гузашта низ истифода бурда метавонед.

## Мавзӯи 3. САДО, ШЕЪР ВА ОҲАНГ – 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо садоҳои форам ва нофорам. Маълумот дар бораи шеър ва оҳанг. Суруд барои иҷро:“Ман кистам?”– шеъри Гулназар, мусиқии А. Тошматов.

**Салоҳиятҳо:**
– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
– оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:
– ҳангоми сароидан овозашонро ба оҳанги мусиқӣ ҷӯр кунанд;
– дар бораи шоир маълумоти умумӣ дошта бошанд;
– хусусиятҳои фарқкунандаи шеър ва оҳангро номбар кунанд;
– садоҳои форамро аз нофорам фарқ карда тавонанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо ба он вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**
1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шиносоӣ бо мақсади дарс(восита ва методи шиносоӣ ба салоҳдиди омӯзгор вогузор мешавад).*

2) Шиносоии хонандагон бо садо. Аз расм истифода бурда, дар бораи садо тавассути саволҳо муҳокима ташкил кунед: чаро писарак ва духтарак гӯши худро бо даст маҳкам пӯшонидаанд? Ин чӣ гуна садо аст? Боз садоҳо чӣ гуна мешаванд? Кӣ якчанд садоҳои форамро номбар мекунад? Кӣ якчанд садоҳои нофорамро номбар мекунад? Дар бораи садоҳои форам ва нофорам маълумот диҳед. Қайд кунед, ки дар табиат мо садоҳои гуногунро ҳар рӯз мешунавем. Як дақиқа хомӯш истед ва бодиққат гӯш кунед, ки кадом садоҳоро мешунавед? Аз якчанд хонанда пурсед, ки чиро шуниданд. Супориш таҳия кунед: аз якчанд ашё истифода бурда, садоҳои гуногунро шунавонед. Фарқияти онҳоро муҳокима кунед. Дар бораи қоидаи садоҳои мусиқӣ, ки пастию баландии муайян доранд, маълумот диҳед ва амалан дар сози мусиқӣ ё сабти овоз нишон диҳед.

3) Иҷрои банди аввали суруди “Ман кистам?” – шеъри Гулназар, мусиқии А. Тошматов. Дар аввал доир ба фарқияти шеър ва оҳанг саволу муҳокимаи хурд ташкил кунед. Амалан нишон диҳед, ки шеърро қироат мекунанд, сурудро месароянд. Дар суруд оҳанг мавқеи муҳим дорад ва ҳангоми сурудан тамдиди садоҳо мувофиқи зарби оҳанг иҷро мешавад.
Пеш аз оғози азхуднамоии банди аввали суруд машқи хурди овозӣ гузаронед. Сипас аз тавсияҳои қисмати “Таълими малакаҳои сурудан” истифода бурда, омӯзиши банди якуми сурудро тибқи вазифаҳои “*I.Огози азхудкунӣ*”, “*II.Шунидан-шиносоӣ*” ва *“IV. Азхудкунӣ”* ба роҳ монед.

**Арзёбӣ.** Барои санҷидан ва қайд кардани дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар дарси мазкур аз тавсияҳои дарси аввал истифода баред. Ба сифати намуна аз усули дар назди тахтаи синф ва дар раванди дарс қайдҳои анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати онҳоро бо назардошти мушоҳидаҳо қайд кунед.

*Намунаи меъёрҳо барои санҷиш:*

*– ҳангоми сароидан овозашонро ба оҳанги мусиқӣ ҷӯр кунад;*
*– хусусиятҳои фарққунандаи шеър ва оҳангро номбар кунад;*
*- садоҳои форамро аз нофорам фарқ карда тавонад.*

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан ба дарс бо мусиқӣ. Ба ҷо овардани одоби салом. Ба хотир овардани мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.*

2) Дар бораи шеър ва оҳанг муҳокима ташкил кунед. Саволҳои водоркунанда диҳед. Сурудро иҷро карда, савол диҳед, ки кадом амалро иҷро намудед, шеърро қироат кардед ё сурудро сароидед. Дар бораи шеър, суруд ва муаллифони он суҳбат ташкил кунед. Сипас давоми иҷрои суруди “Ман кистам?” – шеъри Гулназар, мусиқии А. Тошматовро ба роҳ монед. Пеш аз оғози азхуднамоии банди дуюми суруд машқи хурди овозӣ гузаронед. Сипас аз тавсияҳои қисмати “Таълими малакаҳои сурудан” истифода бурда, омӯзиши сурудро тибқи вазифаҳои *“III.Муҳокима*”, *“IV. Азхудкунӣ” ва “V. Сурудан”* ба роҳ монед.

3) Мустаҳкамнамоии маълумотҳоро оид ба садо ва хусусиятҳои он, садоҳои форам ва нофорам ташкил кунед. Якчанд супоришҳои таълимӣ омода кунед, ки хусусияти муқоисавӣ дошта бошанд. Мисол, расми якчанд ашё ва созҳои мусиқиро нишон диҳед ва саволгузорӣ кунед. Дар атрофи садоҳои он муҳокима ташкил кунед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисмати сурудан қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати онҳоро бо дарназардошти он дарҷ кунед. Иҷрои супоришҳоро аз маърифати мусиқӣ низ ба сифати баҳодиҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

## Мавзӯи 4. СОЗҲОИ ЗАРБӢ – 2 соат

**Барнома.** Маълумот дар бораи созҳои зарбӣ (таблак, дойра, нақора ва қӯшнақора). Шунидани садои созҳои зарбӣ ва иҷрои корҳои амалӣ. Суруд барои иҷро: “Варзоб”, шеъри Нақиб Саид, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.

**Салоҳиятҳо:**

– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
– оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс:** *хонандагон бояд:*

– ҳангоми сароидан якдигарро гӯш карда тавонанд;

– садоҳои мусиқӣ (**До, Ре, Ми, Фа**)-ро бо як нафас ба боло ва бо нафаси дуюм ба поён сароида тавонанд;
– ҳангоми шунидани садои созҳои мусиқӣ фарқият ва монандии садоҳои онро номбар кунанд;
– муаллифони суруд (оҳангсоз ва шоир)-ро фарқ карда тавонанд;
– доир ба созҳои зарбӣ маълумот пайдо кунанд.

**Методикаи таълим.** Намунаи дарс оварда мешавад. Ин қисмат тавсиявӣ буда, омӯзгор вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса онро метавонад тағйир диҳад, иловаҳо ворид кунад. Лекин бояд дар хотир дошт, ки натиҷаҳои ниҳоии таълимии дарс ва ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун меҳвари дарс ба ҳисоб меравад.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом.* Шиносоӣ бо мақсади дарс ва м*уҳокима бо хонандагон дар зарфи ду дақиқа*

2) Маърифати мусиқӣ. Дар лавҳаи синф вараqи алоҳидаро бо тасвири созҳои дойра ва таблак овезон карда, ба хонандагон муроҷиат кунед, ки дар барои ин расмҳо чиро медонанд? Дар атрофи ин савол муайян кунед, ки дар бораи созҳои зарбии таблак ва дойра чиро медонанд ва доир ба он тавассути саволҳо муҳокима ташкил кунед. Агар расм дар китоб, замима ба китоби дарсӣ ё адабиёти дигар бошад, онро низ истифода бурда метавонед. Фаромӯш насозед, ки дойра ва таблак ба қатори созҳои зарбӣ дохил мешаванд ва созҳои зарбиро низ ҳамчун садоҳои мусиқӣ эътироф мекунанд, гарчанде ба тамоми хусусиятҳо ҷавобгӯ набошанд ҳам.

Сипас бозии “Кӣ хубтар иҷро мекунад?”-ро гузаронед. Тартиби он чунин аст: омӯзгор якчанд зарби одиро иҷро мекунад, хонандагон онро такрор мекунанд.

*Эзоҳ:* онро дар созҳои мусиқӣ, дар рӯйи миз, тавассути қарсак ва ғайра иҷро кардан мумкин аст. Инчунин, супоришҳо бо гунаҳои гуногун ташкил кардан низ имконпазир аст. Масалан, фардӣ, дунафарӣ, дар гурӯҳҳои хурд ва фронталӣ бо аҳли синф. Барои боз ҳам шавқовар шудан онро ба тарзи мусобиқа низ ташкил кардан мумкин аст.

3) Иҷрои машқи овозии “Кӣ форамтар месарояд?” Машқро бо нишондоди овозҳо сароед.




Ҳангоми иҷрои машқ ба ҷӯрию форамии овоз эътибор диҳед. Қисматҳои ноҷӯрро якчанд маротиба машқ карда, бартараф созед.

Сурудани банди аввали суруди “Варзоб”, шеъри Нақиб Саид, мусиқии Ҷӯрахон Обидпурро ба роҳ монед. Аз тавсияҳои қисмати “Таълими малакаҳои сурудан” истифода бурда, омӯзиши банди якуми сурудро тибқи вазифаҳои “I.Оғози азхудкунӣ”, “II.Шунидан-шиносоӣ” ва “IV. Азхудкунӣ” ба роҳ монед.

4) Шунидани зарбҳои мусиқииро дар сози дойра ва таблак ба роҳ монда метавонед. Садои онҳоро муқоиса кунед ва аз хонандагон доир ба кадом садои соз писанд омадан ва фарқияти онҳоро муҳокима кунед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати хонандагон арзёбӣ кунед. Аз тавсияҳои дарси аввал истифода баред ва меъёрҳоро омода карда, тибқи он амал кунед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шиносоӣ бо мақсади дарс.

2) Дар бораи созҳои зарбии дойра ва таблак саволу ҷавоб карда, инчунин аз рӯйи расми нақора ва қӯшнақора саволу супориш тартиб дода, муҳокима ташкил кунед.



Накора



Қӯшнакора

Саволу супоришҳо доир ба садои онҳо, фарқияту монандӣ аз ҷиҳати сохт ва садо, тарзи навохтан ва ғайра буда метавонад. Масалан, фарқияти тарзи навохтани қӯшнақора аз нақора дар чист? Сохти нақора чӣ гуна аст? Сохти қӯшнақора чӣ? ва ғайра.

Машқи зеринро ба тарзи бозӣ ташкил кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки зарби мазкурро пас аз шумо такрор кунанд. Тасаввур менамоем, ки мо таблак, дойра, нақора навохта истодаем:



Машқи овозиро тавассути бозӣ истифода баред. Тартиби он чунин аст: хонандагонро дастур диҳед, ки ба расм назар афкананд ва тавассути он машқи овозиро иҷро кунанд. Як маротиба оҳанг ва матнро намоиш диҳед:




**Супориш:** Ба ҳаракати писарак нигаред ва ин машқро
Мувофиқи фуромади ӯ иҷро кунед.

Машқи мазкурро якчанд маротиба иҷро кунед. Ҳангоми машқ кардан ба ғалатҳои хонандагон эътибор дода, пеш аз иҷрои навбатӣ тавсияҳо диҳед. Масалан, ҳангоми сурудан ба овози якдигар гӯш диҳед. Зарби оҳангро бодиққат гӯш дода калимаҳоро бурро талаффуз кунед ва ғайра.

3) Давоми иҷрои суруди "Варзоб", шеъри Нақиб Саид, мусиқии Ҷӯрахон Обидпурро ба роҳ монед. Пеш аз оғози азхуднамоии банди дуюми суруд дар бораи муаллифони суруд ва шеър суҳбат гузаронед. Шеърро қироат кунед ва пурсед, ки онро кӣ эҷод кардааст, баъди сурудан боз саволро такрор кунед. Сипас аз тавсияҳои қисмати "Таълими малакаҳои сурудан" истифода бурда, омӯзиши сурудро тибқи вазифаҳои "*III.Муҳокима*", *"IV. Азхудкунӣ" ва "V. Сурудан"* ба роҳ монед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва маърифати мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати хонандагон арзёбӣ кунед. Вобаста ба иҷрои фаъолияти хонандагон дар мавриди иҷрои зарбҳо низ баҳо дода метавонед.

## Мавзӯи 5. ВАТАНАМ – ТОҶИКИСТОН – 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо сози мусиқии рубоб. Иҷрои машқи овозии "Барвақт мехезам". Суруд барои иҷро: "Ватан"– шеъри Б. Каримов, мусиқии Т. Аюбов.

**Салоҳиятҳо:**
– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;

– оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:

– ҳангоми сароидан якдигарро гӯш карда тавонанд;
– доир ба сохт ва овози сози рубоб (торӣ) маълумот диҳанд;
– ҳарфҳою овозҳоро бурро ва пурра талаффуз кунанд;
– муносибати худро нисбати порчаи суруд ва фаъолиятҳои иҷрошуда баён карда тавонанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс тавассути мақсадҳо (ба салоҳдиди омӯзгор)*

2) Маълумоти мухтасар дар бораи сози мусиқии рубоб пешниҳод кунед. Аз рӯйи расм доир ба шакл, сохт ва садои он суҳбат ташкил кунед. Расми онро аз китоби дарсӣ ва ё маъхази суратҳои интернетӣ дастрас карда метавонед. Аз воситаҳои ахбор дар бораи ин соз маълумотҳои ҷолиб ёфта истифода бурдан аз манфиат холӣ нест. Инчунин, агар имконият даст диҳад як наво дар ин соз шунавонед ва дар асоси он суҳбат ташкил кунед, беҳтар аст.

3) Пеш аз оғози азхуднамоии банди аввали суруд машқи хурди овозӣ гузаронед. Онро дар асоси машқи зерин гузаронида метавонед:




Машқро аввал якҷоя иҷро карда, қисмати саволро духтарон месароянд, писарон ҷавоб медиҳанд. Онро ба таври бозӣ иҷро кунед ва якчанд маротиба такрор кунед. Ҳамоҳангии хонандагон дар ин маврид шарти зарурӣ аст.

Сипас банди аввали суруди “Ватан”– мусиқии Т. Аюбов, шеъри Б. Каримовро иҷро кунед. Фаъолияти минбаъдаро тибқи тавсияҳои қисмати “Таълими малакаҳои сурудан” доир ба вазифаҳои “*I.Оғози азхудкунӣ*”, “*II.Шунидан-шиносоӣ*” ва *“IV. Азхудкунӣ”* ба роҳ монед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдода бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати хонандагон арзёбӣ кунед. Аз тавсияҳои дарси аввал истифода баред ва меъёрҳоро пешакӣ омода кунед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи мақсадҳои дарс тавассути қадамҳои мушаххаси фаъолиятҳо дар дарс. Мисол, биёед имрӯз банди аввали суруди “Ватан”, мусиқии Т. Аюбов, шеъри Б. Каримовро ба ёд оварда сароем ва баъд банди дуюми онро иҷро намоем. Дар бораи ин суруд дар охир ҳамчун коршиносон ақидаи худро баён кунед. Хуб огоз менамоем!*

2) Пеш аз оғози азхуднамоии банди дуюми суруд машқи хурди овозӣ гузаронед. Ҳамчун намуна машқи овозии “Барвақт мехезам”-ро метавонед истифода баред.




Ҳар саҳар аз хоб
Ҳудам мехезам,
Дасту рӯямро
Худам мешӯям.

Сипас банди аввалро ба хотир оварда, азхудкунии банди дуюми суруди “Ватан”– мусиқии Т. Аюбов, шеъри Б. Каримовро вобаста ба қисматҳои “*III.Муҳокима*”, *“IV. Азхудкунӣ” ва “V. Сурудан”*, ки дар боло омадааст, ба роҳ монда иҷро кунед. Аз банди аввали суруд якчанд нотаҳоро, ки дар китоби дарсӣ омадааст, истифода бурда, зарби онро якҷоя бо қарсак ифода кунед.

3) Ҷамъбаст ва робитаи мутақобила (рефлексия)-и дарсро гузаронед. Робитаи мутақобиларо тавассути чеҳраҳо ба роҳ монед. Дар тахтаи синф ва ё коғази калон се чеҳраро ба таври зайл тасвир кунед ва онро ба се қисм тақсим кунед.

1. Хурсанд, 2. Начандон, 3. Ғамгин:

☺ 😐 ☹

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба муносибати худ нисбати дарси имрӯза баҳо диҳанд ва дар зери чеҳраи мувофиқ ишора гузоранд. Тартиб ва гузоштани ишораро вобаста ба имконият, фаҳмиши синфи худ ва тарзе ки ба шумо мувофиқ аст, фаҳмонда метавонед. Аз ишораи гузоштаи хонандагон натиҷаи кори худро таҳлил карда метавонед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед. Бояд дар назар гирифт, ки дар раванди азхудкунии суруд ва ҳангоми иҷро кор бо ғалатҳо сурат мегирад ва омӯзгор ҳатман мушоҳидаҳои худро дорад. Тавсия менамоем, ки пеш аз ҳар дарс якчанд меъёрҳои муваффақиятро таҳия карда, бо хонандагон онро муҳокима кунед ва дар охир ба он баргашта баҳогузориро тибқи он ба роҳ монед, барои такмили малака, маҳорат ва дониши хонанда он имконияти бештар фароҳам меорад ва баҳогузориро то андозае барои хонандагон шаффоф нишон медиҳад. Меъёрҳо вобаста ба мақсади дарс таҳия мегарданд ва он то андозае ба он наздик аст. Мисоли меъёрҳои муваффақият:

- қоидаҳои дурусти нишаста суруданро нишон дода тавонад;
- доир ба сохт ва овози сози рубоб маълумот диҳад;
- муносибати худро нисбати фаъолиятҳои иҷрошуда баён карда тавонад ва ғайра.

**Мавзӯи 6. ЯККАСАРО ВА АНСАМБЛ – 2 соат**

**Барнома.** Шиносоӣ бо сози мусиқии ғижак. Шиносоӣ бо яккасаро, якканавоз ва ансамбл. Суруд барои иҷро: "Усто парасту"– шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.

**Салоҳиятҳо:**
– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
– оҳангҳои одиро саролд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс:** *хонандагон бояд:*
– ҳангоми сароидан якдигарро гӯш карда тавонанд;
– ақидаи худро нисбати садои сози ғижак ва ба чӣ шабеҳият доштани он баён кунанд;
– садои сози ғижакро бо табиат ва олами атроф муқоиса кунанд;
– порчаи хурди сурудро иҷро кунанд;
– мафҳумҳои яккасаро, якканавоз ва ансамблро шарҳ дода тавонанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**
1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс ва шиносоӣ бо мақсади дарс.*

2) Дар тахтаи синф расми сози ғижак овезон карда мешавад (ё аз китоби дарсӣ нишон дода мешавад). Шиносоӣ бо сози мусиқӣ тавассути саволу ҷавоб сурат мегирад. Масалан, ин соз чӣ ном дорад? Дар бораи он чӣ медонед? Оё ягон оҳангро, ки бо ин соз навохта шудааст, дар ёд доред? Садои он чӣ гуна аст? Садояш ба кадом ҳайвон ё садои олами атрофи мо монанд аст? Аз чӣ сохта шудааст? Оё медонед, ки камончаи онро аз чӣ месозанд? Торҳояшро чӣ? ва ғайра. Вобаста ба имкон агар садои онро шунавонед ва агар онро ба шакли аёнӣ ба хонандагон нишон дода тавонед, боз ҳам беҳтар мешавад.

3) Азхудкунии банди аввали суруди "Усто парасту"– шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур. Аз ҷониби омӯзгор суруд ифоданок ва бурро иҷро карда шуда, тарзи сурудан намоиш дода мешавад. Қисматҳои душворро якчанд маротиба омӯзгор иҷро карда, барои тоза сурудан тавсияҳо медиҳад. Машқи овозиро гузаронида, мисраъ ба мисраъ азхудкунии сурудро ба роҳ мемонад.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву

маҳорати хонандагон арзёбӣ кунед. Доир ба шинохти сози ғижак, ки дар дарс омӯхтед, метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед (ба салоҳияти омӯзгор).

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс вобаста ба мақсадҳои дарс: "Имрӯз мо суруди "Усто парасту"-ро ифоданок месароем. Онро мо ба ду тарз иҷро менамоем, аввал яккасаро месароянд баъд мо дар ансамбл кор мекунем. Шумо медонед, ки яккасаро киро мегӯянд? Ансамбл чӣ аст? Имрӯз мо дар бораи ана ҳамин мафҳумҳо маълумот пайдо карда, сурудеро месароем.*

2) Сурудани банди аввали "Усто парасту"– шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур. Пеш аз сурудан машқи овозиро гузаронида, омодагии хонандагонро ба сурудан ва ҳамоҳангии онҳоро таъмин кунед. Сипас хонандагонро ба ду ё се гурӯҳи хурд ҷудо карда, сурудани банди аввалро ба роҳ монед. Пас аз он саволгузорӣ кунед: мо чӣ кор кардем? Чанд нафар сароидем? Тасаввур кунед, ки ҳар яки мо дар як сози мусиқӣ ин оҳангро менавозем. Кӣ кадом созро навохтан мехост? Ба якчанд нафари гурӯҳи хурд муроҷиат карда, мафҳуми ансамблро фаҳмонед. Расми ансамблро, ки аз дастаи навозандагон иборат аст, нишон дода саволгузорӣ кунед. Кадом созҳо тасвир шудаанд? Кӣ кадом созро навохта истодааст? Номи кадоме аз ин созҳоро медонед? Кадомашро не? ва ғайра. Суҳбат ташкил кунед ва ба саволҳо агар хонандагон ҷавоби пурра надиҳанд, ҷавобҳоро пурра кунед.



3) Азхуднамоии банди дуюми суруди "Усто парасту"– шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур. Сурудро ифоданок иҷро карда, саволгузорӣ кунед: Ман сурудро айни ҳол танҳо иҷро кардам. Ин тарзи иҷроро яккасароӣ меноманд. Пеш аз сурудан аз банди аввали суруд як порчаро аввал ба сифати машқи овозӣ такрор кунед. Баъдан азхудкунии онро тавассути усули "Акси садо" ба роҳ монед. Дар раванди кор хонандагони беҳтаринро ба сифати яккасаро ба назди тахтаи синф даъват карда, амалан иҷрои яккасароиро намоиш диҳед.

4) Хулосабарориро доир ба яккасаро, якканавоз ва ансамбл тавассути расм ба роҳ монда, якчанд саволҳои иловагӣ диҳед. Ҷиҳатҳои нофаҳмоӣ оид ба ин мафҳумҳо иловагӣ шарҳ диҳед. Инчунин, метавонед ҷумлаҳои нопуррaро ба таври шифоҳӣ истифода бурда аз хонандагон идома додани онро хоҳиш кунед.

Масалан:

- навозандае, ки танҳо менавозад... мегӯянд.
- сарояндае, ки танҳо месарояд... мегӯянд.

– гурӯҳи навозандагонро... меноманд.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед. Метавонед ба хонандагони алоҳида супориши ҷумлаҳои нопурраро пешниҳод карда, онҳоро низ арзёбӣ кунед (ба салоҳияти омӯзгор).

### Мавзӯи 7. ОҲАНГСОЗ – ЭҶОДКОР – 1 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо ҳаёт ва фаъолияти Миратулло Атоев. Суруд барои иҷро: “Бузи ало”– шеъри Нуъмон Розиқ, мусиқии Миратулло Атоев.

**Салоҳиятҳо:**
– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
– оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:
– дар бораи оҳангсоз – Миратулло Атоев маълумоти умумӣ дошта бошанд;
– зарби оҳангро бо даст, ангуштон нишон дода тавонанд;
– ҳангоми сароидан якдигарро гӯш карда тавонанд;
– образҳои мусиқиро бо суханони одӣ (дар мисоли хурсандона, ғамангез) баён кунанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи мақсадҳои дарс.*

2) Маърифати мусиқӣ. Дар бораи касби оҳангсоз маълумоти мухтасар диҳед. Гӯед, ки барои оҳангсоз (композитор) шудан, аз аввал ба суруд ва мусиқӣ шавқи беандоза доштан лозим аст. Биеёд дар бораи ҳаёт ва фаъолияти як нафар оҳангсоз, ки Миратулло Атоев ном дорад, шинос шавем. Шарҳи мухтасарро доир ба хаёт ва фаъолияти оҳангсоз тавассути саволу ҷавоб ва муҳокима пешниҳод кунед. Баъди баёни қисматҳои хурди ҳаёт ва фаъолияти ӯ саволҳои муайянкунанда диҳед.

3) Азхудкунӣ ва сурудани “Бузи ало”, шеъри Нуъмон Розиқ, мусиқии Миратулло Атоев. Аз тавсияҳои қисмати дарсҳои гузашта истифода баред. Бояд дар хотир дошта бошед, ки тарзи дурусти он аввал аз ҷониби омӯзгор, сипас банд ба банд бо хонандагон машқ карда шуда, суруд аз худ карда мешавад. Доир ба тоза сурудани нотаҳо ва матни суруд аҳамият диҳед. Машқи тозасароии нотаҳоро вобаста ба матни суруд истифода бурда, якчанд маротиба машқ кунед. Зарби оҳангро бо қарсак ифода кунед ва тавассути усули “Акси садо” бо хонандагон машқ кунед. Доир ба матни суруд тавассути саволу ҷавоб суҳбат кунед. Муносибати хонандагонро доир ба мавзӯъ ва моҳияти он шунавед. Инчунин, дар бораи лаҳни мусиқии шунида (хурсандибахш садо додани он) суҳбат кунед. Маънои баъзе

калима ва ибораҳоро, ки барои ин синну сол мураккаб аст, шарҳ диҳед: “ҷигӣ-ҷигӣ”, “бузаки чарси бало”, “кулчаи боҷазза”

**Арзёбӣ.** Дарси мазкурро вобаста ба тавсияҳои дарси аввал ба роҳ монед (ба салоҳияти омӯзгор).

## Мавзӯи 8. ҲАМСАРОӢ (ХОР) – 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо ҳамсароӣ. Талаффузи овозҳо ва калимаҳо. Суруд барои иҷро “Туҳфаи бобо”– шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.

**Салоҳиятҳо:**
– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
– оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:
– тарзи талаффузи ҳиҷоҳо ва ҷумлаҳои мусиқиро ичро кунанд.
– ҳарфҳою овозҳоро бурро ва пурра талаффуз кунанд;
– ҳиҷоҳоро бошиддат, тез ва мулоим иҷро кунанд;
– бо ишораҳои дирижёр шинос шуда, сурудро таҳти роҳбарии ӯ иҷро кунанд;
– дар ҳамсароӣ фаъолият ва машқ карда, қоидаҳои суруданро риоя кунанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**
1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом.*
2) *Шарҳи мақсадҳои дарс тавассути қадамҳои асосӣ: мо имрӯз дар бораи мафҳуми ҳамсароӣ шинос шуда, суруди “Туҳфаи бобо”-ро месароем. Ҳангоми сурудан ба ишораи роҳбари хор, ки ман онро имрӯз иҷро менамоям, диққат медиҳед. Дар вақти азхуднамоии суруд ба овозҳо, ҳиҷоҳо ва калимаҳои суруд бештар диққат дода, иҷрои онро якҷоя машқ менамоем.*
3) Расми ҳамсароёнро нишон дода, саволҳо гузоред: дар расм киҳоро мебинед? Писарон ва духтарон чӣ кор карда истодаанд? Дар қатор чӣ гуна истодаанд? Омӯзгор (ё роҳбари онҳо) чӣ кор карда истодааст? Ишораи роҳбари ҳамсароёнро кӣ иҷро мекунад? Сипас ҷавоби хонандагонро доир ба саволҳои гузошта шунида, пурра кунед, шарҳу эзоҳ диҳед, вобаста ба вазъият саволҳои дигар таҳия ва пешниҳод кунед. Махсусан, амалҳои хормейстерро амалан нишон диҳед. Ишораи нафасгирӣ ва оғози суруданро нишон диҳед (аксаран омӯзгорон шумораи 1, 2, 3-ро шифоҳӣ истифода мебаранд, ки он нисбатан нодуруст аст! Ҳангоми сароидан ишораи дирижёриро, ки дастҳо ба боло, нафасгирӣ ва оғозро аз ишораи дастон ва мимика сар мешавад, нишон додан лозим аст).

4) Номи суруди “Туҳфаи бобо”– мусиқии Ҷӯрахон Обидпур, шеъри Алӣ Бобоҷонро эълон кунед. Сипас савол оид ба мавзӯи суруд пешниҳод кунед, ки “Ба фикри шумо суруд дар бораи чӣ маълумот медиҳад?”. Ҷавоби хонандагон муҳокима шуда, сипас аз ҷониби омӯзгор суруд ифоданок иҷро мешавад. Доир ба кадом фикри хонандагон мувофиқ омадани матн шарҳ дода, иловаю мулоҳизаҳои омӯзгор баён мешавад. Машқи овозӣ гузаронед ва банди якуми сурудро вобаста ба марҳалаҳои “*I.Огози азхудкунӣ*”, “*II.Шунидан-шиносоӣ*” ва *“IV. Азхудкунӣ”* корро ба роҳ монед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдода ва бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати хонандагон арзёбиро ба роҳ монед. Хуб мешуд пеш аз оғози дарс аз мақсадҳои дарс истифода бурда, якчанд меъёрро барои баҳогузорӣ таҳия карда, бо хонандагон онро муҳокима ва сипас дар охир истифода мебурдед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом тавассути оҳанг.*

2) *Шарҳи мақсадҳои дарс тавассути қадамҳои асосӣ: мо имрӯз давоми суруди дарси гузаштаро иҷро карда, талаффузи садоҳоро машқ карда, калимаҳои алоҳидаи сурудро якчанд маротиба такрор менамоем.*

3) Тавассути расм дар бораи садои овозҳои садонок ва иҷрои калимаҳои суруд маълумот диҳед ва онро ба сифати машқи овозӣ иҷро кунед. Сипас доир ба иҷрои калимаҳо бозии “Канӣ бачаҳо?”-ро гузаронед. Тартиби он: омӯзгор ба тариқи саволгузорӣ банди аввалро иҷро мекунад, хонандагон ба савол ҷавоб медиҳанд:




Саволро омӯзгор такрор карда, ба ҷойи ибораи “дасти бачаҳо” ибораҳои “сари бачаҳо”, “пойи бачаҳо”, “гӯши бачаҳо” ва “худи бачаҳо”-ро истифода карда, машқро тавассути бозӣ мегузаронад.

4) Суруди “Туҳфаи бобо”– мусиқии Ҷӯрахон Обидпур, шеъри Алӣ Бобоҷон ифоданок иҷро карда мешавад. Метавонед онро аз хонандаи фаъол ба таври яккахон ва хонандагони дигар ҳамчун ҳамсароӣ аз худ карда, иҷро кунед. Риояи қоидаҳои дар ҳамсароӣ суруданро таъкид ва дар раванди кор машқ кунед. Вобаста ба қисматҳои “*III.Муҳокима*”, *“IV.Азхудкунӣ” ва “V.Сурудан”*, ки дар боло омадааст, фаъолияти суруданро ба роҳ монед. Аз хонандагон мазмуни матнро пурсон шавед ва зарби онро бо қарсак низ иҷро кардан тавсия мешавад.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдода бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед. Аз тавсияҳои дарсҳои гузашта истифода баред. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед.

## Мавзӯи 8. ДАРС-КОНСЕРТ – 1 соат

**Барнома.** Муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорат (салоҳият)-и хонандагон дар нимсолаи аввали соли таҳсил. Арзёбии инфиродӣ ва гурӯҳии хонандагон. Таҳлил ва натиҷагирӣ.

**Салоҳиятҳо:**
- қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
- ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
- унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
- оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:
- қоидаҳои нишаста ва рост истода саруданро истифода бурда тавонанд;
- номи оҳангҳои азхудкарда, муаллифон ва мазмуни онро гуфта тавонанд;
- созҳои мусиқии халқии тоҷик (дойра, таблак, нақора, рубоб, ғижак)-ро номбар ва аз якдигар фарқ карда тавонанд;
- муаллифони суруд (шоир ва оҳангсоз)-ро донанд ва хусусияти фарққунандаи шеър ва оҳангро гуфта тавонанд.

**Методикаи таълим.** Дар доираи мавзӯи мазкур салоҳиятҳои хонандагон доир ба фаъолиятҳои сурудан, шунидан, эҷод ва маърифати мусиқӣ муайян карда шуда, доир ба ташаккули салоҳиятҳо маълумот ҷамъ оварда мешавад. Ин ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани дараҷаи салоҳиятнокии хонандагони синфи якумро барои нимсолаи аввал муайян карда, ба қайд гиранд. Натиҷаи арзёбии мазкурро шумо метавонед минбаъд бо арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар нимсолаи дуюм ва охири соли таҳсил муқоиса карда, инкишофи онҳоро муайян созед. Барои омӯзгороне, ки дар синфашон шумораи хонандагон зиёд аст, барои арзёбии салоҳиятҳо шояд вақт камӣ кунад. Онҳо метавонанд аз кумаки ҳамкасбони худ истифода баранд.

Барои гузаронидани арзёбӣ намунаи дастур доир ба се самти салоҳиятҳо ва дарс-консерти намунавӣ дар зер пешниҳод мешавад, ки аз он истифода бурда метавонед. Мо дар зер танҳо як намунаи дарс – консертро нишон медиҳем, ки дар зарфи 35 дақиқа гузаронида мешавад. Намунаи он хеле зиёд буда фаъолиятҳои сурудан, шунидан ва маърифати мусиқӣ дар вақти муайян бо воситаву усулҳои гуногун гузаронида мумкин аст, ки ба салоҳияти омӯзгорон вогузор карда мешавад.

Дастур барои гузаронидани дарс – консерт:

а) *сурудан*

1) номгӯйи сурудҳои омӯхтаро дар варақаи алоҳида ё тахтаи синф нависед;
2) асаре, ки барои фаъолияти сурудан истифода мешавад, интихоб кунед. Интихоб метавонад гуногун сурат гирад: а) шумо метавонед порчаи ҳар як асар то нимсола/солона гузаштаро дар алоҳидагӣ истифода баред ва б) як асарро тавассути намоиш ё “Консерт дар назди тамошобинон” истифода баред;
3) тартиби иҷрои асарро пешниҳод карда, дар мавриди зарурӣ шарҳу эзоҳ диҳед;

4) Иҷрои асарро ба роҳ монда, мушоҳидаҳои худро баён кунед ва қайдҳои худро доир ба қисмати сурудан қайд кунед.

б) *шунидан*

1) Дастур ва саволҳоро то шунидани мусиқӣ омода кунед;
2) Порчаи асарҳои гузашта шунавонида мешавад (метавонед ду ва зиёда порчаи асарҳоро шунавонед);
3) Таҳлили асар ва суҳбат доир ба асарҳои шунида гузаронида мешавад (дар ин марҳала номи асар, муаллифон, мазмун ва муносибати хонандагон ба асари шунида фаҳмида мешавад. Онро тавассути марҳалаҳои шунидани мусиқӣ ва саволгузорӣ ба роҳ монда мешавад, яъне саволҳо то шунидан ва баъд аз он муҳим аст);
4) Баёни мушоҳидаҳо ва қайди омӯзгор доир ба қисмати шунидани мусиқӣ.

в) *маърифати мусиқӣ*

1) Истилоҳ, мафҳум, қоидаҳо ва назарияи мусиқиро, ки то имрӯз омӯхтаанд муайян кунед;
2) Тартиби иҷрои фаъолият, дастур ва машқҳои амалиро, ки барои арзёбии мафҳумҳои омӯхташаванда истифода бурда мешавад, таҳия кунед (дар синфи якум то нимсолаи аввал саволу супоришҳоро шифоҳӣ ба роҳ монед, зеро хонандагон айни ҳол малакаҳои хуби хонишро надоранд ва вақти зиёд лозим мешавад);
3) Супоришҳоро шифоҳӣ пешниҳод кунед. Ба хонандагон саволҳоро шифоҳӣ пешниҳод карда, аз рӯйи расм фаъолият карданро пешниҳод карда метавонед;
4) Барои иҷро вақт диҳед ва кори онҳоро шунавед;
5) Натиҷаи корҳоро баррасӣ карда, қайдҳоро оид ба ин қисмат дарҷ кунед.

Натиҷаи ҳамаи кори хонандагонро баррасӣ карда, арзёбии фаъолиятҳоро дар умум баррасӣ ва дарҷ кунед. Натиҷаи кори хонандагонро тавассути дастгирии мусбии педагогӣ арзёбӣ кунед, то онҳо барои иҷрои фаъолиятҳои минбаъда ҳавасманд шаванд.

**Намунаи дарс – консерт.**

Хонандагонро ба се гурӯҳ муттаҳид кунед. Агар синфхона васеъ бошад, онҳоро дар қаторҳои муайян ҷой дода, ба таври бозӣ суруданро ба роҳ гузоред. Бозии “Кӣ мусиқиро меёбад?”. Тартиб: тасаввур кунед, ки мо се гурӯҳи сарояндагон (ансамбл)-и алоҳида ҳастем. Бояд ба ҷашни Соли нав омодагӣ дида, сурудҳои омӯхтаамонро барои синфҳои дигар намоиш диҳем. Шарти бозии мо чунин аст: ман оҳанги дарсҳои гузаштаро менавозам, намояндаи кадом гурӯҳ якумин шуда муаллифон ва матни онро номбар мекунад, порча аз ҳамон асарро иҷро мекунанд. Агар гурӯҳе, ки ягон асарро наёфт, ман матн ва муаллифонро ёдрас мекунам, онҳо иҷро мекунанд. Гурӯҳҳои дигар, ҳангоми иҷрои як гурӯҳ, ба онҳо баҳо медиҳанд. Меъёрҳо барои баҳодиҳӣ чунин аст:

– қоидаи рост истода суруданро дуруст иҷро мекунанд;
– бо ишораи омӯзгор месароянд;
– овози якдигарро гӯш карда месароянд;
– форам ва зебо месароянд;
– мазмуни матнро медонанд ва ба саволи омӯзгор ҷавоби дуруст медиҳанд.

Баъд аз ин асарҳо навохта шуда, аз ҷониби гурӯҳи хонандагон муайян ва иҷро карда мешавад. Баъд аз ҳар иҷроиш омӯзгор меъёрҳоро тавассути саволҳо ёдрас шуда, мулоҳиза ва арзёбии гурӯҳҳои дигарро мефаҳмад, баҳои онҳоро аз рӯйи меъёрҳо ба роҳ мемонад.

Сипас доир ба маърифати мусиқӣ дарс – чистон ташкил карда шуда, гурӯҳҳо вазифахои мушаххас мегиранд. Расми созҳо, хосияти садо, оҳангсозон, ки дарсҳои қаблӣ омӯхтаанд, саволу масъалагузорӣ карда мешавад. Масалан, дар варақаҳои хурд расми созҳо ба тартиби омехта дода мешавад, хонандагон онро бояд ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд: созҳои зарбӣ, созҳои торӣ ва нафасӣ. Ё ба тарзи дигар: расми навозанда, гурӯҳи навозандагон ва ҳамсароён оварда шудааст. Онҳо дар бораи яке аз онҳо маълумоти шифоҳии хурдакак омода ва пешниҳод кунанд.

## НИМСОЛАИ ДУЮМ (17 СОАТ)

### Мавзӯи 1. АЛИФБОИ МУСИҚӢ– 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо номи нотаҳо ва нотагоҳ. Иҷрои машқҳои эҷодӣ барои сайқали хотираи мусиқии хонандагон. Суруд барои иҷро: “Алифбо”– шеъри Гулназар Келдӣ, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур; барои шунидан: “Сарҳадчӣ” – оҳанги Сафаралӣ Сатторов, шеъри Муҳаммад Ғоиб.

**Салоҳиятҳо:**
– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
– оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:
– тарзи дурусти талаффузи ҳиҷоҳо ва ҷумлаҳои мусиқиро иҷро кунанд;
– доир ба ибтидо ва бозгӯи суруд маълумот дошта бошанд;
– садоҳои мусиқӣ (**До,Ре,Ми,Фа**)-ро бо як нафас ва **Сол, Ла, Си, До**-ро бо нафаси дуюм аз поён ба боло ва аз боло ба поён сароида тавонанд;
– образҳои мусиқиро бо суханони одӣ (дар мисоли хурсандона, ғамангез) баён кунанд.
– зарби оҳангҳои одиро бо қарсак иҷро карда тавонанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**
1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шиносоӣ бо мақсади дарс.*
2) Машқи овозиро тавассути бозии тезгӯяки “То ҳафт шуморед” ба роҳ монед. Тартиби он: хонандагон рақамҳои аз як то ҳафтро дар як нафас ва дар як баландӣ (дар як нота) месароянд. Сипас онро дар баландиҳои гуногун (аз “До” то “Си”) иҷро кунед. Машқро якчанд маротиба такрор кунед.
3) Иҷрои суруди “Алифбо” аз ҷониби омӯзгор. Номбар кардани муаллифони сурудро низ фаромӯш накунед. Ҳангоми азхуднамоии банди аввали суруд омӯзгор

метавонад аз усули “Акси садо” истифода барад. Ё аз хонандаи фаъол тарзи дурусти иҷрои сурудро ба таври намунавӣ (яккасаро) нишон дода, аз хонандагон идома додани онро хоҳиш кунад. Банди аввалро ифоданок суруда, ҳангоми азхудкунӣ қоидаи нафасгирӣ ва тарзи нишаста суруданро ёдрас кунед. Ҳангоми сурудан ба қоидаҳо аҳамият диҳед ва кор бо ғалатҳоро ба роҳ монед. Дар борои нақороти суруд маълумот диҳед ва ба тақтеъҳои 2,3, 4-уми он диққати махсус диҳед.

4) Қоидаи шунидани мусиқиро ёдрас шавед. “Сарҳадчӣ” – оҳанги Сафаралӣ Сатторов, шеъри Муҳаммад Ғоибро шунавонед. Доир ба мавзӯи суруд саволу ҷавоб кунед. Мо ҷашни Артиши миллӣ дорем ва дар борои сарҳадчиён низ дар ин рӯз суҳбат кардан аз манфиат холӣ нест. Пеш аз шунидани такрорӣ қисмҳои муассири оҳангро баён карда, ба он диққат доданро тавсия кунед.
5) Бо нотагоҳ хонандагонро шинос кунед. Хоҳиш кунед, ки панҷ хати нотагоҳро аз поён ба боло ҳисоб кунанд. Дар дафтар тасвири нотагоҳ ва шумори хатҳои онро вазифа диҳед ва агар вақт кофӣ набошад ба хона вазифа диҳед ва аз ёд донистани онро таъкид кунед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба маърифати мусиқӣ, қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати хонандагон арзёбӣ кунед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шиносоӣ бо мақсади дарс.*
2) Бо номи нотаҳо хонандагонро шинос кунед. Гӯед, ки алифбои мусиқӣ аз ҳафт нота иборат аст. Онҳоро номбар кунед. Машқи овозиро бо нишондоди машқи овозии дарси гузашта дар асоси номи нотаҳо гузаронед:




3) Аз дарси гузашта банди якуми суруди “Алифбо”-ро иҷро кунед. Банди дуюми сурудро тавассути бозӣ, қарсак ва пойкӯбӣ истифода бурда, баъзе қисматҳои душворро такроран машқ кунед.
4) Порча аз оҳанги “Сарҳадчӣ” шунавонида, давоми дарсро бо усули “Мусиқиро тасвир менамоем” гузаронед. Дар ин асно шунидани мусиқиро бо оҳанги на он қадар баланд иҷро карда, тасвир карданро дастур диҳед. Ба дигарон халал нарасониданро таъкид кунед. Пеш аз шунидани такрорӣ кори хонандагонро

назорат карда, тавсияҳо диҳед ва сипас онро гузаронед. Муаррифиро дар асоси хоҳиши хонандагон ба роҳ монед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати хонандагон арзёбӣ кунед.

**Мавзӯи 2. НОТАҲОИ АВВАЛИН** – 2 **соат**

**Барнома.** Шиносоӣ бо нотаҳои **До** ва **Ре**. Иҷрои корҳои эҷодӣ доир ба ҳафт овози мусиқӣ. Суруд барои иҷро: “Ман ту барин”– шеъри Наримон Бақозода, мусиқии Н. Ҳамдамова.

**Салоҳиятҳо:**
– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
– оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:
– ҳарфҳоюю овозҳоро бурро ва пурра талаффуз кунанд;
– порчаҳои хурди сурудро иҷро кунанд;
– дар ҳамсароӣ фаъолият ва машқ карда, қоидаҳои суруданро риоя кунанд;
– образҳои мусиқиро бо суханони одӣ (дар мисоли хурсандона) баён кунанд.
– доир ба номи нотаҳо калимаҳо эҷод карда тавонанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс тавассути мақсадҳо (ба салоҳдиди омӯзгор)*
2) Ба ёд меорем, ки нотаи якуми мо чӣ ном дошт? Биёед онро аз ҳошияи фортепиано ё аккордеон, ки тасвир шудааст, нишон медиҳем. Садои онро мешунавем ва биёед якҷоя онро месароем. Сипас кори амалӣ доир ба номи нотаи До-ро ташкил кунед. Аз ҷумлаи зерин номи нотаи До-ро ёбед: Додар чанаи тездав дорад. Доир ба номи нота калимаҳоро ёбед, ки ҳиҷои До дошта бошанд.
3) Машқи овозиро доир ба нотаи **До** гузаронед:




Банди аввали суруди “Ман ту барин”– шеъри Наримон Бақозодаро банд ба банд, ҳатман бо мусиқӣ аз худ кунед. Сипас бо гузориши саволҳо доир ба муаллифон,

мазмуни суруд суҳбат ташкил кунед. Мисол: Шеърро кӣ навиштааст? Кӣ ба он оҳанг эҷод кардааст? Ҷумлаи аввали сурудро кӣ иҷро мекунад? ва ғайра. Калимаҳои “шинонамат”, “саодатам” ва ҳаловатам”, ки талаффузашон душвор аст, иҷрои онҳоро якчанд маротиба машқ кунед. Сурудро хушҳолона сароида, тарзи хушҳолона сароидани хонандагонро мушоҳида ва таъкид кунед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдода ва бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ малакаву маҳорати хонандагонро арзёбӣ кунед. Меъёрҳои арзёбиро пешакӣ омода кунед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи мақсадҳо (ба салоҳдиди омӯзгор)ва ба хотир овардани қадамҳои асосии дарси гузашта.*
2) Дарси гузашта мо дар бораи нотаи **До** маълумот гирифтем. Саволҳо доир ба нотаи **До** омода карда, муҳокима кунед ва сипас ба омӯзиши садои дуюми мусиқӣ – **Ре** гузаред. Онро тавассути расми ҳошияи фортепиано ё сози мусиқӣ нишон диҳед, савол бигузоред ва садои онро шунавонед. Метавонед, садои онро ҳамчун машқи овозӣ дар як зина бо навохтани якчанд маротиба (нотаҳои пурра, нисфӣ, ҳаштякӣ ва чорякӣ) иҷро кунед. Тавассути ин машқи одӣ тамдиди нотаҳо ва тоза суруданро амалан нишон дода, машқ карда метавонед. Сипас машқи овозиро ба роҳ монед ва аз намунаи зерин истифода баред:




Банди дуюми суруди “Ман ту барин”– шеъри Наримон Бақозодаро банд ба банд, ҳатман бо мусиқӣ аз худ кунед. Кор бо калимаҳои душвор ва тарзи талаффузи дурусти онро ба роҳ гузоред, аз ҷумла калимаҳои “мевадор”, “баҳор”, “диҳам”, “нозанин”, “саодатам” ва ҳаловатам”. Иҷрои онҳоро якчанд маротиба машқ кунед. Сурудро хушҳолона сароида, тарзи хушҳолона сароидани хонандагонро мушоҳида ва таъкид кунед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед. Мисол, нотаи **До**-ро аз расм кӣ (ё номи хонанда) нишон медиҳад? Нотаи **Ре**-ро чӣ? Кӣ нотаи **Ре**-ро нишон дода, садояшро иҷро мекунад ва монанди ин.

### Мавзӯи 3. ИДИ МОДАРОН – 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо нотаҳои **Ми** ва **Фа**. Иҷрои корҳои эҷодӣ доир ба нотаҳо. Суруд барои иҷро: “Модарам”, шеъри Собир Султон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.

**Салоҳиятҳо:**

- қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
- ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
- унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
- оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:

- тарзи талаффузи ҳиҷоҳо ва ҷумлаҳои мусиқиро иҷро кунанд.
- ҳарфҳою овозҳоро бурро ва пурра талаффуз кунанд;
- ҳиҷоҳоро бошиддат, тез ва мулоим иҷро кунанд;
- дар ҳамсароӣ фаъолият ва машқ карда, қоидаҳои суруданро риоя кунанд;
- қоидаи такрорро, ки бештар дар бозгӯй истифода мешавад, дар ёд доранд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом(салом дар дарсҳои мусиқӣ бо оҳанг сурат мегирад). Шарҳи қадамҳои дарс(ба салоҳдиди омӯзгор).*

2) Дарсҳои гузашта мо дар бораи нотаҳоива Ре маълумот гирифта будем. Тавассути расми ҳошияи фортепиано ё сози мусиқӣ нотаҳоро ёдрас карда, садои нотаи **Ми**-ро шунавонед. Метавонед, садои онро ҳамчун машқи овозӣ дар як зина бо навохтани якчанд маротиба (нотаҳои пурра, нисфӣ, ҳаштякӣ ва чорякӣ) иҷро кунед. Тавассути ин машқи одӣ тамдиди нотаҳо ва тоза суруданро амалан нишон дода, машқ карда метавонед. Барои дар хотир нигоҳ доштан ва ташаккули малакаҳои сурудан машқи овозиро дар асоси намунаи зерин низ ба роҳ монда метавонед:




3) Банди якуми суруди “Модарам”, шеъри Собир Султон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур банд ба банд, ҳатман бо мусиқӣ аз худ кунед. Кор бо тарзи дурусти талаффузи ҳамсадои калимаҳои “модарам”, “мехонем”, “медиҳад”, “рафтораш”, “медонем”, “модарҷонам”, “меҳрубонам”, “яктост” ва “доност”. Иҷрои онҳоро якчанд маротиба машқ кунед. Сурудро дар суръати марш, бо овози табиӣ сароед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва эҷоди мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти

сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс(ба салоҳдиди омӯзгор).*

2) Пеш аз сурудан машқи овозиро фаромӯш накунед. Машқи овозиро метавонед тавассути усули “Акси садо” аз намунаи зерин истифода баред:




«Фа» ҳарфи фораму хуш, Ҷояш – миёни ду хат,
«Фа» хуш расад ба хар гӯш, «Фа»-ро макун фаромӯш.

Доир ба банди аввали суруд, ки дарси гузашта аз худ карда шуда буд, машқи азхудкунии банди дуюмро ба роҳ гузоред. Пеш аз банди дуюм аз ҳаракатҳои мавзуни даст истифода бурда, унсурҳои рақсро ба роҳ гузоред, барои хонандагон дарс бештар шавқовар мешавад. Омӯзгор метавонад, ки аввал сурудро ифоданок иҷро карда, сипас азхудкунии банди дуюм ва иҷрои пурраи сурудро бо хонандагон ба роҳ гузорад. Банди дуюми суруди “Модарам”, шеъри Собир Султон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур банд ба банд, ҳатман бо мусиқӣ аз худ кунед. Кор бо тарзи дурусти талаффузи ҳамсадои калимаҳои “модарам”, “мехонем”, “медиҳад”, “рафтораш”, “медонем”, “модарҷонам”, “меҳрубонам”, “яктост” ва “доност”-ро такроран машқ кунед.

3) Дар тахтаи синф ин ҷумларо бинависед: Хоҳарам Гавҳар дар фабрика кор мекунад. Савол гузоред: аз ҷумлаи мазкур номи нотаро ёбед? Кадом нота будааст? Биёед ба ёд меорем, ки номи кадом нотаҳоро медонед ва “Фа” чандумин садои мусиқист? Бо тарзи расми ашёи рангшуда ва ё ҳошияи фортепиано нотаи Фа-ро амалан нишон диҳед ва бо хонандагон онро шарҳ диҳед.

*Намунаҳо*:

а) расми пуфакҳо бо рангҳои гуногунро истифода бурда, дар болои ҳар яки он номи нотаҳоро нависед. Онро ҳамчун аёният нишон дода, садои онро аз поён ба боло ва аз боло ба поён иҷро кунед:




б) нотаи “**Фа**”-ро аз ҳошияи фортепиано нишон дода, садои онро навозед ва ҳамроҳи хонандагон сароед. Метавонед онро дар расми ҳошияи рангшудаи фортепиано бо ранги дигар нишон дода, барои шинохти он замина гузоред:




**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдода бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед.

**Мавзӯи 4. ЗАРБИ МУСИҚӢ – 2 соат**

**Барнома.** Шиносоӣ бо нотаҳои **Сол** ва **Ла**. Иҷрои корҳои эҷодӣ доир ба нотаҳо. Суруд барои иҷро: “Варзиш”, шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.

**Салоҳиятҳо:**
- қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
- ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
- унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
- оҳангҳои одиро сароял, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:
- ҳарфҳою овозҳоро бурро ва пурра талаффуз кунанд;
- ҳиҷоҳоро бошиддат, тез ва мулоим иҷро кунанд;
- ҳангоми шунидани овози созҳои мусиқӣ фарқият ва монандии овозҳои онро номбар кунанд;
- қоидаи такрорро, ки бештар дар бозгӯй истифода мешавад, дар ёд доранд;

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс(ба салоҳдиди омӯзгор)*

2) Маърифати мусиқӣ. Расм ва матн барои хониш ва мушоҳида пешниҳод мешавад. Намуна:






Солеҳ сози мусиқии ғижак енавозад. Ин созро дар руйи зонуи чап гузошта, бо камонча менавозанд.

Шумо садои ин сози мусиқиро шунидаед? Боз кадом сози мусиқӣ ба ғижак монанд аст? Оё шумо садои онро дӯст медоред?

Дар вақти танаффус ба шарики худ доир ба садои сози мусиқии дӯстдоштаатон нақл кунед.

Саволу супоришҳо доир ба матн ва расм таҳия карда, доир ба нотаи **Сол** маълумотҳои ибтидоӣ аз худ карда мешавад. Масалан, матнро хонед ва номи нотае, ки имрӯз бояд аз худ намоем, муайян кунед. Сози ғижак чӣ гуна навохта мешавад? Боз садои кадом сози мусиқӣ ба садои сози ғижак монанд аст? ва монанди ин.
Сипас кор бо забонакҳои фортепианоро ба роҳ гузоред. Намунаи онро аз дарсҳои гузашта истифода баред. Инчунин, такрори нотаҳоро аз **До** то **Сол** ва баръакс сароед, нишон диҳед ва вобаста ба шароит навозеду бо хонандагон машқ кунед.

3) Иҷрои банди аввали суруди "Варзиш", шеъри Алӣ Бобоҷон, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур. Азхудкуниро аввал аз зарби оҳанг ва бо иҷрои қарсак оғоз кунед. Сипас ҳамчун намуна сароиданро нишон диҳед. Баъд иҷрои банди аввали сурудро бо истифодаи қоидаҳои сурудан машқ кунед. Ҷойҳои душвори сурудро якчанд маротиба такрор кунед. Ҳамсадоҳои дар охир калимаҳои "беқарор", "тайёр", "чаққонем", "равонем" ва "намонем"-ро бурро талаффуз кардан лозим аст. Ба сарахбори суруд диққати хонандагонро равон кунед ва доир ба зарби он суҳбат кунед. Зарбу усули қадамзаниро, ки дар сарахбор омадааст, якчанд маротиба навохта, амалан иҷро карда, шарҳ диҳед. Ба нақороти суруд, ки дар тақтеи аввал ҷаҳиши оҳанг ба боло омадааст, тоза сароидан душвор аст ва ба он аҳамияти ҷиддӣ диҳед. Сурудро зиндадилона, шодонаву озодона ва бо шавқу завқи баланд, ки хоси варзиш аст, иҷро кардан лозим аст.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдода ва бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо бидиҳед. Доир ба маърифати мусиқӣ метавонед ба хонандагони алоҳида саволи иловагӣ пешниҳод кунед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: *ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс(ба салоҳдиди омӯзгор)*

2) Машқи овозӣ дар асоси нақороти банди аввали суруд. Иҷрои банди аввали сурудро тавассути ҳамсароӣ, гурӯҳи хурд (ансамбл) ва инфиродӣ ба роҳ гузоред. Давоми сурудро банд ба банд аз худ кунед. Талаффузи дурусти калимаҳои душворро ба роҳ гузоред, аз қабили “равонем”, “намонем”, “бибахшад” ва “хоб”. Ба хонандагон доир ба мазмуни матн (даъват ба варзиш) ва хусусияти иҷрои суруд (суръати маршӣ ва серҳаракату бо овози табиӣ) кор баред.
3) Маърифати мусиқӣ. Банди шеъри мазкурро қироат кунед ва ба хонандагон дастур диҳед, ки аз матн номи нотаро муайян кунанд:

   Офтобаки хандонрӯ,
   Аз паси кӯҳ баромад.
   Лағжида барф аз шох,
   Рӯйи замин фуромад.

   Сипас идомаи корро бо расм ва ё сози мусиқӣ анҷом дода, садои нотаи **Ла** ва ҷойгиршавии онро дар сози фортепиано ё аккордеон нишон диҳед ва машқ кунед:




   Машқи овозиро бо истифода аз матни зерин ба роҳ гузошта метавонед:




**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан, маърифат ва эҷоди мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед.

## Мавзӯи 5. СУРУДИ МО – 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо оҳангсоз (композитор) Қудратулло Яҳёзода. Шиносоӣ бо нотаи **Си**. Иҷрои суруди “Қоқу”– мусиқии Қ. Яхёзода, шеъри Юсуфҷон Аҳмадзода.

**Салоҳиятҳо:**
– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;

– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
– оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:

– дар бораи оҳангсоз маълумоти умумӣ дошта бошанд;
– тарзи талаффузи ҳиҷоҳо ва ҷумлаҳои мусиқиро иҷро кунанд.
– ҳарфҳою овозҳоро бурро ва пурра талаффуз кунанд;
– ҳиҷоҳоро бошиддат, тез ва мулоим иҷро кунанд;
– зарби оҳангро бо даст, ангуштон нишон дода тавонанд;
– бо пойҳо зарбро мувофиқи оҳанги суруд иҷро карда тавонанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс (ба салоҳдиди омӯзгор).
2) Маърифати мусиқӣ. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти оҳангсоз Қудратулло Яҳёзода маълумоти хурдро пешниҳод кунед (Таъкид! Маълумоти пешниҳодшуда мушаххас, ҳаҷман хурд ва ҷолиби диққат бошад. Самтҳои асосии фаъолият ва ҳаёти оҳангсозро инъикос кунад.). Ин шакли корро тавассути якчанд усул ба роҳ мондан мумкин аст, ки дар зер намунаҳои онро пешниҳод менамоем.

   *Намунаи 1.* Омӯзгор ҷанбаҳои фаъолияти оҳангсозро нақл мекунад ва дар бораи асарҳо ва ё маълумоти ҷолиберо аз ҳаёт ва фаъолияти ӯ иқтибос меорад. Сипас бо хонандагон тариқи саволу ҷавоб муҳокима ташкил мекунад.

   *Намунаи 2.* Асари мусиқии омӯхташавандаро иҷро карда, доир ба паҳлуҳои мусбии он маълумотҳо медиҳад. Ба хонандагон муроҷиат карда, ақида ва муносибати онҳоро доир ба асар мефаҳмад ва савол мегузорад, ки мехоҳад бо муаллифон шинос шавад?
3) Пеш аз азхуднамоии банди аввали суруди “Қоқу”– мусиқии Қудратулло Яҳёзода, шеъри Юсуфҷон Аҳмадзода суҳбат дар атрофи номи асар доир кунед. Дар тахтаи синф доир ба он “Хӯша” тартиб диҳед. Намунаи он чунин аст: дар маркази тахтаи синф доирае тасвир карда, дар байни он як ҷумлаи саволӣ гузоред, мисол дар бораи қоқу чӣ медонед? Дар атрофи он хатҳо ва доираҳо тасвир карда, ҷавоби хонандагонро баъд аз пурсиш дарҷ кунед:



Машқи овозиро аз саҳ. 56-и китоби дарсӣ (Ҷӯрахон Обидпур: Суруд ва мусиқӣ, синфи 1. Душанбе: “Маориф”.–2015) истифода бурда, иҷро кунед.

Банди аввали сурудро иҷро кунед ва дар раванди он бо усулу зарби суруд шинос шавед. Метавонед ҳангоми азхуднамоии суруд усули “Акси садо”-ро истифода баред. Ҳамсадоҳоро дар охири калимаҳои “раҳ”, “ҷар”, “баҳор” ва “назар” бурро талаффуз карда, тоза сароиданро машқ кунед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шарҳи қадамҳои дарс (ба салоҳдиди омӯзгор).
2) Давоми азхуднамоии банди дуюми суруди “Қоқу”– мусиқии Қудратулло Яҳёзода, шеъри Юсуфҷон Аҳмадзода.

   Ба сифати машқи овозӣ аз намунаи зерин истифода бурда метавонед:




«Си» ҳарфи дилписанд аст, Мақому мансаби «Си»
Дар хатти байн банд аст, Бисёр ҳам баланд аст!

Пеш аз аз худ кардани банди дуюми суруд банди аввал бо мақсади пурсиши дарси гузашта, ислоҳи ғалатҳо оид ба тарзи дурусти нафасгирӣ ва қоидаҳои сурудан истифода мешавад. Баъд аз он банди дуюми суруд банд ба банд ва иҷроиши форами он талаб карда мешавад. Дар охир суруд ифоданок сароида мешавад.

3) Намунаи ҷумларо дар лавҳаи синф навишта дастур диҳед. Ҷумларо хонед ва номи нотаро аз он ёбед: ***Сардори синфи мо Ситора - духтари аълохон аст.***

   Сипас супориш диҳед: калима ва ё ҷумлаҳое тартиб диҳед, ки номи нотаи **Си** дошта бошанд.

   Инчунин, кор бо забонакҳои фортепианоро низ ба роҳ монда метавонед. Азбаски ин дарс ҷамъбасткунандаи ҳафтум садои мусиқӣ аст, онро аз аввал то охир сароида, навохта, машқ кардан низ мумкин аст. Фарқияти садоҳо, пастию баландӣ ва амсоли онро низ муҳокима карда метавонед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба фаъолиятҳои гузаронида қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ кунед ва бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед.

## Мавзӯи 6. РАҚСЕМУ НАВОЗЕМ – 2 соат

**Барнома.** Корҳои эҷодӣ доир ба номи нотаҳо ва ёфтани калимаҳо ба он. Шиносоӣ бо шоир Наримон Бақозода. Суруд барои иҷро: “Гулдара”– мусиқии Ҷӯрахон Обидпур, шеъри Наримон Бақозода.

**Салоҳиятҳо:**
– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
– оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:
– дар ҳамсароӣ фаъолият ва машқ карда, қоидаҳои суруданро риоя кунанд;
– унсурҳои одии ҳаракатҳоро дар рақс иҷро карда тавонанд;
– зарби оҳангро бо даст, ангуштон нишон дода тавонанд;
– хусусиятҳои фарққунандаи шеър ва оҳангро номбар кунанд;
– муаллифони суруд (оҳангсоз ва шоир)-ро фарқ карда тавонанд;
– дар бораи шоир маълумоти умумӣ дошта бошанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

***Дарси якум***

1) Қисмати ташкили дарс: ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Баёни мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.
2) Маърифати мусиқӣ. Бо хонандагон бозии ребус-чистонро ташкил кунед. Дар синфи якум он ба таври осон иҷро мешавад. Онро ба таври бозӣ дар гурӯҳҳои хурд, мусобиқа байни духтарону писарон ва ғайра гузаронидан мумкин аст. Як гурӯҳ матнро бо оҳанг иҷро карда, гурӯҳи дигар зарби онро бо қарсак иҷро мекунанд. *Намуна:*




Бо садои До, Ре, Ми
Мекунем акнун бозӣ,
Бозии ребус – чистон,
Ёбед онро, бачагон!

3) Банди аввали суруди “Гулдара”– мусиқии Ҷӯрахон Обидпур, шеъри Наримон Бақозода аз худ карда мешавад. Кор бо калимаҳо ва талаффузи дурусти онро аз

банди аввали суруд ба роҳ монед. Суръати суруд хушҳолона буда, дар ҳавои зарби он ҳаракатҳои мусиқию зарбиро низ ба роҳ мондан мумкин аст.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед. Инчунин, дар дарси мазкур арзёбиро вобаста ба иҷрои суруд ва ифода кардани зарби оҳанг, саволу ҷавоб вобаста ба намунаи интихобкардаатон ба роҳ монед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: ворид шудан бо мусиқии қадамзанӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Баёни мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.
2) Азхуднамоии банди дуюм ва ифоданок сароидани "Гулдара"– мусиқии Ҷӯрахон Обидпур, шеъри Наримон Бақозода. Пеш аз азхуднамоии банди дуюми суруд банди аввали онро ҳамчун пурсиши вазифаи хонагӣ ва ё машқи овозӣ истифода баред. Давоми азхудкунии сурудро тавассути усули "Акси садо" ба роҳ монед. Ҳангоми сурудан метавонед доир ба тахайюлу тасаввури хонандагон дар бораи баромадан ба сайру гашти баҳорӣ супоришҳо таҳия карда, шифоҳӣ онро иҷро кунед.
3) Баъд аз иҷрои суруд дар бораи муаллифон суҳбат ташкил кунед. Фарқияти байни оҳангсоз ва шоирро ба тариқи саволу ҷавоб пурсон шавед. Доир ба касбу кори онҳо ва фаъолияти эҷодӣ доштани он маълумот диҳед. Масалан, шоир чӣ кор мекунад? Шеър менависад. Кӣ нишон медиҳад, ки шеърро чӣ гуна мехонем? Шеър қироат карда мешавад. Суруд чӣ? Кӣ иҷро мекунад? Суруд иҷро карда мешавад. Ана ҳамин гуна саволу ҷавоб ва машқи амалӣ бо хонандагон гузаронида мешавад. Сипас дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шоир Наримон Бақозода маълумоти хурдакак пешниҳод карда мешавад. Инчунин, ёдрас карда мешавад, ки суруди омӯхтаамон ба қалами ин шоир мансуб аст.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдода ва бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед. Меъёрҳоро пешакӣ муайян карда, дар асоси он баҳогузориро низ истифода бурда метавонед.

## Мавзӯи 7. МУСИҚӢ ВА ПАРАНДАГОН – 2 соат

**Барнома.** Маълумот дар бораи рақсҳои миллии анъанавӣ. Иҷрои бозии се духтаракон. Суруд барои иҷро: "Парасту", мусиқии Парвина Соҳибова, шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ.

**Салоҳиятҳо:**

– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
– оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:

– ҳиҷоҳоро бошиддат, тез ва мулоим иҷро кунанд;
– ҳангоми сароидан якдигарро гӯш карда тавонанд;
– диққат, нафаси мусиқӣ, ибтидо, авҷ ва хотимаи иҷрои асарро донанд;

– дар бораи рақсҳои миллии анъанавӣ маълумот дошта бошанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: ба дарс бо садои мусиқии қадамзанӣ ворид шудан. Ба ҷо овардани одоби салом. Баёни мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.
2) Дар бораи рақсҳои миллии анъанавӣ маълумоти хурд диҳед. Як намунаи онро бароятон пешниҳод менамоем.

   Намуна:
   “Рақси миллии мо хусусиятҳои хос дорад. Ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ ба таври хос мерақсанд, хурсандии худро ифода мекунанд. Бо ҳаракати дастон, ишораҳои гуногуни абру ва тарҳи рӯй (мимика) дар бораи мазмуни оҳанг ва ҳаёти одамон маълумот медиҳад. Мо ҳам бо шумоён якчанд унсурҳои одии онро дида мебароем. Айни ҳол бо шумоён ҳаракатҳои давразанандаи дастонро, ки “дастони мавзун” ном дорад ва он дар шаклҳои гуногуни рақсӣ истифода мешавад, машқ менамоем. Аввал ман онро қадам ба қадам нишон медиҳам, сипас шумо иҷро мекунед:

   1. Дар дараҷаи китфҳо нигоҳ доштани ҳолати дастҳо
   2. Дастҳоро ба болои сар бардоштан
   3. Дастҳо оҳиста – оҳиста аз поён ба боло ва баръакс бардошта мешаванд;
   4. Дасти чап зери қафаси сина то оринҷ бардошта шуда, дасти рост ба як тараф дароз карда мешавад. Сипас бо ҳаракати “мавзун” ба дараҷаи қафаси сина ба тарафи китфи дигар ҳаракат мекунад. Баъд аз ин дастон ҳолати худро тағйир дода ва аз тарафи чап такрор мекунанд;
   5. Ҳар ду даст дар як вақт аз боло ба поён мехаманд, аз нав боло карда мешаванд бо ҳаракатҳои даврзананда панҷаҳо фуроварда мешаванд.”
3) Иҷрои банди аввали суруди “Парасту”– оҳанги Парвина Соҳибова, шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ. Машқи овозӣ гузаронед (бо салоҳдиди омӯзгор, метавонед аз сурудҳои омӯхта порчаашро иҷро кунед). Дар аввал иҷроиши суруд аз ҷониби омӯзгор сурат гирифта, сипас банд ба банд суруд бо хонандагон аз худ карда мешавад. Дар раванди кор барои мустақилона сурудани хонандагон аввал якҷоя сароед ва сипас бо онҳо мустақилона суруданро машқ кунед. Тарзи иҷроиши қисмати нақорот ва хотимаи сурудро нишон додан ба манфиат буда, онро якчанд маротиба машқ кунед. Нафасгириро баъди ҳар як ибора нишон дода, онро машқ кунед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдода ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед. Аз меъёрҳо, ки дар дарсҳои аввал тавсия карда будем, истифода баред.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: ба дарс бо садои мусиқӣ ворид шудан. Ба ҷо овардани одоби салом. Баёни мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.

2) Бозии се духтараконро гузаронед. Аввал дар бораи оҳанги суруд, ки дар воситаҳои ахбори умум мешунаванд ва мебинанд суҳбат кунед ва иҷрои сурудро як бор аз духтарон пурсон шавед. Унсурҳои рақсиро вобаста ба оҳанг истифода баред. Намунаи онро тавассути ин амалҳо истифода бурда метавонед:

   а) ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ тавассути тасмачаҳо (шерозаҳо)

   б) ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ тавассути ҳаракати мавзуни дастҳо

   в) ҳаракатҳои мусиқию зарбӣ тавассути қадамзании ҳаштякӣ.

3) Иҷрои банди дуюми суруди “Парасту”– оҳанги Парвина Соҳибова, шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ. Дар бораи номи суруд, мазмуну мундариҷа ва муносибат бо парандагон (дар мисоли парасту) саволу ҷавоб кунед. Онро тавассути усулҳои пурсиши шифоҳӣ (блитс – пурсиш, ангезиши зеҳн ва ғ.) ё ба таври ашколи навишторӣ (махсусан хӯша/кластер) гузаронида метавонед. Машқи овозиро тавассути нақороти суруд ба роҳ монда, банди аввалро ҳамчун пурсиши вазифаи хонагӣ ва такрори дарси гузашта истифода баред. Азхуднамоии банди дуюми сурудро тавассути усули “Акси садо”(эхо) ба роҳ гузоред. Тарзҳои нафасгирӣ ва тоза суруданро дар раванди азхудкунӣ ёдрас шуда, барои бартараф кардани он якчанд маротиба машқ кунед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва маърифати мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ба малакаву маҳорати хонандагон баҳо диҳед.

## Мавзӯи 8. “РЕ МЕГӮЯМ МАН БУРРО!” – 2 соат

**Барнома.** Шиносоӣ бо ҳаёт ва эҷодиёти шоир Ҷӯра Ҳошимӣ. Суруд барои иҷро “Ре мегӯям ман бурро”– оҳанги Ҷӯрабой Охунов, шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ.

**Салоҳиятҳо:**
– қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
– ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
– унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
– оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:
– дар бораи оҳангсозон маълумоти умумӣ дошта бошанд;
– дар бораи шоир маълумоти умумӣ дошта бошанд;
– хусусиятҳои фарққунандаи шеър ва оҳангро номбар кунанд;
– муаллифони суруд (оҳангсоз ва шоир)-ро фарқ карда тавонанд;
– тарзи талаффузи ҳиҷоҳо ва ҷумлаҳои мусиқиро иҷро кунанд.
– ҳарфҳою овозҳоро бурро ва пурра талаффуз кунанд.

**Методикаи таълим.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро доир ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки шумо вобаста ба қобилияти хонандагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

**Дарси якум**

1) Қисмати ташкили дарс: ба дарс бо мусиқии қадамзанӣ ворид шудан. Ба ҷо овардани одоби салом. Баёни мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.

2) Шинос кардани хонандагон бо ҳаёт ва фаъолияти шоир Ҷӯра Ҳошимӣ. Ин қисматро мисли тавсияҳои дарси гузашта истифода баред. Азбаски малакаи хониши хонандагони синфи якум то охири сол инкишоф меёбад, хониши мустақилонаро низ истифода бурда метавонед.

   *Намуна:*

   – ба хонандагон матн барои қироат пешниҳод мешавад. Сипас супориш барои қироат дар зарфи ду-се дақиқа дастур дода шуда, омода кардани шакли намоиш пешниҳод мешавад.

3) Иҷрои банди аввали суруди “Ре мегӯям ман бурро” – оҳанги Ҷӯрабой Охунов, шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ. Машқи овозӣ гузаронед (бо салоҳдиди омӯзгор, метавонед аз сурудҳои омӯхта порчаашро иҷро кунед). Дар аввал иҷроиши суруд аз ҷониби омӯзгор сурат гирифта, сипас банд ба банд суруд бо хонандагон аз худ карда мешавад. Дар раванди кор барои мустақилона сурудани хонандагон аввал якҷоя сароед ва сипас бо онҳо мустақилона суруданро машқ кунед. Тарзи иҷроиши қисмати нақорот ва хотимаи сурудро нишон додан ба манфиат буда, онро якчанд маротиба машқ кунед. Нафасгириро баъди ҳар як ибора нишон дода, онро машқ кунед.

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати хонандагон баҳогузории шифоҳӣ кунед. Кори хонандагонро қадр карда, ҷиҳатҳои пешравии хонандагонро вобаста ба мақсадҳои таълимии дарс дарҷ кунед.

**Дарси дуюм**

1) Қисмати ташкили дарс: ба дарс бо мусиқии қадамзанӣ ворид шудан. Ба ҷо овардани одоби салом. Баёни мақсади дарс ва баррасии он бо хонандагон.

2) Дар бораи фарқияти шеър ва оҳанг суҳбат ташкил кунед. Онро метавонед ба мисли намунаи зерин ташкил кунед:

   Дар лавҳаи синф дигараммаи “Венн”-ро тасвир кунед:




Вобаста ба ҷадвал саволҳо ташкил карда, умумияти онро муайян намуда дар ҷадвал дарҷ кунед.

3) Як лаҳзаи дамгирӣ ташкил кунед ва метавонед бозии таълимии "**ДО, РЕ, МИ**"-ро гузаронед. Хонандагон шеърро қироат карда, номи нотаҳоро аз он муайян ва номбар мекунанд:

| | |
|---|---|
| «До»-ро, ки акнун донед, | Реша гӯед «Ре» ояд, |
| «Ре»-ро низ хуб сароед, | Фаромӯшаш набояд. |
| Бо садои «До»-ю «Ре» | Дар поёни нотагоҳ |
| Машқи овоз сароед. | Хубу хушрӯ намояд. |

Сипас иҷрои банди дуюм ва мустақилона иҷро кардани суруди "Ре" мегӯям ман бурро-оҳанги Ҷӯрабой Охунов, шеъри Ҷӯра Ҳошимиро ба роҳ гузоред. Аз тавсияҳои қисмати методикаи сурудан истифода баред.

4) Аз дарсҳои гузашта ва ё интихобан ягон порчаи оҳангро барои шунидани мусиқӣ интихоб карда, малакаҳои шунидани мусиқиро такроран ба хотир оред (ба салоҳдиди омӯзгор, вақт ва имконияти муассиса).

**Арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан, шунидан ва маърифати мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ карда, бо дарназардошти сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати хонандагонро арзёбӣ кунед.

### Мавзӯи 9. ДАРС – КОНСЕРТ (Арзёбӣ ва ҷамъбаст) – 1 соат

**Барнома.** Дарс-консерт. Саволу ҷавоб доир ба маърифати мусиқӣ (маводди синфи якум). Интихобан иҷрои асарҳо ва ё порча аз он. Викторинаҳои мусиқӣ оид ба шунидани мусиқӣ. Вазифа барои таътили тобистона.

**Салоҳиятҳо:**

- қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад;
- ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад;
- унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро кунад;
- оҳангҳои одиро сарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:

- дониш, малака ва маҳорати азхудкардаашонро муаррифӣ карда тавонанд.

**Методикаи таълим**

Ин дарси ҷамъбасти синфи якум аст. Дарс-консерт ва викторинаҳои мусиқиро ташкил карда, муваффақиятҳои хонандагонро бо таърифу таҳсин қадр кунед ва барои рафъи

ғалатҳои ҷойдошта тавсияҳо диҳед. Хонандагонро байни ҳам муқоиса накунед! Натиҷаҳои нишондодаи онҳоро бо аввали сол муқоиса кунед. Масалан, Фаридун дар аввали сол тарзи дурусти гузориши овозро ба ҷо намеовард, барои ҳамин ҳам ноҷӯр месароид. Баъди кӯшиш ва ғайратҳои пайваста ӯ дар охири сол акнун, сурудро форам ва ҷӯр сароида метавонад. Ташаккур ва офарин мегӯем. Беҳтарин лаҳзаҳои дарсро ба хотир оранд ва гӯянд. Кадом душворӣ доштанд ва онро чӣ гуна ҳал карданд. Барои таътили тобистона вазифа диҳед, ки ба кадом кор машғул шаванд.

**Арзёбӣ.** Ин дарс хусусияти ҷамъбастӣ дошта, малакаю маҳорати хонандагон ба таври умумӣ ҷамъбаст карда мешавад. Шумо метавонед аз усулҳои «Ба худ баҳо додан», «Баҳо ба якдигар» ва саволномаҳоро ба таври шифоҳӣ ва ҳамчунин хаттӣ (дар мавриди санҷиши хаттӣ бояд дар назар дошт, ки миқдори саволу супоришҳо аз ду зиёд набошад) истифода баред.

## АДАБИЁТ

***Бо забони тоҷикӣ***

1. Алиев А.Б., Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. М., Ташкили ҷараён таълим дар синфҳои ибтидоӣ. – Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2009.
2. Б. Хайруллоев. Барнома аз фанни методикаи тарбияи мусиқӣ барои омӯзишгоҳҳо ва донишгоҳҳои омӯзгорӣ. – Душанбе, ДДОТ ба номи Қ. Ҷураев 2005с.
3. Б. Хайруллоев. Методикаи тарбияи мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Дастури таълимӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон.
4. Б. Хайруллоев. Методикаи тарбияи мусиқӣ дар мактаб. Дастури таълимӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорони мусиқӣ – Душанбе. Нур, 2003.2008.
5. Б. Хайруллоев. Назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ. Дастури таълимӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорони коллеҷҳо ва омӯзишгоҳои педагогӣ. – Душанбе АТ, Т 2010.
6. Барномаи таълими суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2008.
7. Лутфуллоев М. Дарс.– Душанбе, 1995.
8. Сатторов С., Охунов Ҷ., Яҳёев М. Алифбои мусиқӣ. Китоби дарсӣ барои синфи якум. – Душанбе, МТЛ ОРЕС, 2005.
9. Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ. – Душанбе, 2010
10. Усулҳои ҳамкорӣ дар таълим. Мураттибон: Зиёев М. Н., Мирзоматов Н., Олимова Ф., Тошбоева З. – Душанбе, 2010.
11. Мирзоахмедов В.А., Файзуллоев Г.Ш., Хижняк Ю.Н. «Мусиқӣ» китоби дарсӣ барои синфи сеюм – Душанбе, «Маориф», соли 1991
12. Файзуллоев Г.Ш., Мирзоахмедов В.А.,Сизикова С.Ф. «Мусиқӣ» китоби дарсӣ барои синфи чорум. – Душанбе, «Маориф», соли 1989
13. Ҷӯрахон Обидпур: Суруд ва мусиқӣ, синфи 1. – Душанбе: «Маориф». 2015, 88 саҳ.

***Сарчашмаҳои интернетии истифодашуда***

1. http://64parallel.ru/koleso/vtoroklassniki-sygrali-v-pole-chudes/#prettyPhoto[gallery]/0/
2. http://www.naison.tj/images/news/fal03.jpg
3. http://www.naison.tj/images/news/fal38.jpg

# РОҲНАМОИ ФАННИ
# СУРУД ВА МУСИҚӢ БАРОИ СИНФИ 1-УМ
**барои омӯзгорони синфҳои**
**ибтидоии муассисаҳои**
**таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Меликова |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд.
Ба чоп 16.08.2016 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x84 1/8. Ҷузъи чопӣ 9.0.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 118/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «ТоРус» чоп шудааст.